Вторч
II-40
159251
159251.

ЁЗУРГОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК

159251

С. УЛУҒЗОДА

АХМАДИ ДОНИШ

НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
СТАЛИНОБОД,
1946

С. УЛУҒЗОДА

Б-ка Акад. В
№
Ст

АХМАДИ ДОНИШ

Нашриёт и Давлатии Тоҷикистон
Сталинобод—1945

Государственная
Зрочный
У-49
15961

Дар зери тахрири
Б. ГАФУРОВ

Библиотека
№ 449

Аз муаллиф

Мақсади ин китобча хонандагонро ба тарики умумӣ бо ҳаёт ва фаъолияти адабии Аҳмад махдуми Дониш ошно кардан аст. Вай даъвои ба таври чукур ва ҳаматарафа таҳлил кардани асарҳои ӯро надорад.

Таҳлил кардани асарҳои вай аз чиҳати социалӣ ва бадеӣ, омӯхтани алоқа ва муносибати онҳо бо асарҳои нависандагони пеш аз вай гузаштагӣ, дараҷаи таъсири Аҳмад махдум ба адабиёти баъди вай эҷодшуда, инчунин тадқиқ кардани назарияҳои философии ӯ кори оянда аст.

Чун аз мероси адабии Аҳмади Дониш ғайр аз ду-се порчаи кӯтоҳ то ҳол ҳеҷ чиз чоп карда нашудааст, мо маҷбур будем, ки дар ин очерк барои тасдиқи ин ё он фикри худ аз навиштаҳои ӯ баъзан порчаҳои калон оварем. Ба фикри мо, ин кор боз аз як фоидаи дигар ҳам холӣ нест, ки хонандаро зимнан бо баъзе намунаҳои эҷодиёти Аҳмад махдум ва бо услуби вай ошно мекунад.

Дар навиштани ин китобча манбаи аввал ва асосӣ барои мо асарҳои худи Аҳмади Дониш буданд.

Муаллиф.

АҲМАД МАХДУМИ ДОНИШ

...Мадҳи ту нест дархури
ҳар марди булфузул.

Музтариб.

1

Аз ин панҷоҳ, шаст, ҳафтод сол пеш мардуми „Бухорои шариф“ гоҳ-гоҳе дар Регистон, дар кӯчаҳои танг ва рӯиҳавлии мадрасаҳои шаҳр як шахси қадбаланди саллаву ҷоманокро медиданд, ки каллаи калонаш дар болои гардани борик гӯё аз вазнини андак ба як сӯ хам буд, аксар вакт дар дасташ ба ҷои асо як чӯби якунимгазӣ дошт ва оҳиста-оҳиста қадам мезад. Вай ба касе аҳмият надода роҳ мерафт, қиёфааш ҳамчун касе ки аз чизе ё аз коре нохушнуд бошад, як қадар қаҳролуд буд.

Бисьёрии роҳгузарон аз мулло ва сипоҳӣ, бӯрьёбоф ва савдогар, кордфурӯш ва оҳангар, қадоқчӣ ва мисгар, бофанда ва тамбӯрӣ, ангиштқаш ва сартарош, пиёда ва савора ба вай салом медоданд. Вай хоҳам нохоҳам, бо садои безътино ва нимшунаво ба баъзеҳо алек мегирифт, ба баъзеҳо алек ҳам нагирифта тағофул карда мегузашт. Вақте ки вай аз дарвозаи мадраса дохил мешуд, муллоёни толиби илм ки дар рӯиҳавлии мадраса ба болои бӯрьёҳо нишаста бо шӯру ғав-

ғо баҳсу мунозира мекарданд, он мардро дидан хамоно хомӯш шуда байни худ ба пичирросзанӣ медарамаданд; агар вай аз наздашон гузарад, аз чӯй хеста даст ба пеш гирифта ба ӯ салом медоданд ва баъд, ҳар гоҳ ки вай дуртар рафт, аз қафояш: „зиндиқ", „кофир", „шиа" гӯён ба вай нафрати худро баён мекарданд.

Гоҳе мешуд ки он мард аз тӯдаи мулло ва мударрисҳо дуртар рафта нохост меистод ва оҳиста сарашро ба тарафи онҳо гардонида бо овози ғур-ғуркунона: „фардо хусуф мешавад"*) мегуфту, боз ба роҳи худ рафтан мегирифт. Шунавандагон дар ҳайрат монда ба якдигар нигоҳ мекарданд. „Хусуф! Ин мардак аз кучо медонад? Ғайбдон аст магар? Ё ки мехоҳад моёнро масхара кунад? Не, не! Ин одам зиндиқ аст, кофир аст, афсунгар аст. Ё хульёӣ, чунун асаркарда, савдой аст. Сухтани моҳ ё офтоб аз кудрати илоҳӣ мебошад, ки банда онро ҳеҷгоҳ дониста наметавонад".

Хамин тавр мегуфтанд ё фикр мекарданд он мулло ва мударрисҳо. Ва ҳол он ки он шахс дуруст гуфта буд. Вай на афсунгар буд, на хульёӣ ва на савдой. Вай донишманд, мутафаккир ва адиби калон Аҳмад махдум буд. Он чи доир бошад ба вакти тира шудани моҳ ё офтоб, пас вай инро ба воситаи қонунҳои илми ҳайъат ва ҷадвалҳои нуҷум дармеёфт. Дар токчаи хонаи ӯ як қуран замин—шояд ягона дар шаҳри Бухоро—меистод. Соҳибхона онро дар яке аз сафарҳои ба Петербург кардагиаш аз олиме ба тариқи ҳадья гирифта ба Бухоро оварда буд.

---

*) *Хусуф*—тира шудани („сӯхтани") моҳ, *кусуф*—тира шудани офтоб.

Дониш—тахаллуси Аҳмад махдум аст. Ба сабаби калонии сараш мардум ба вай „Калла“ лақаб дода буданд.

Аҳмад махдум мунаҷҷим, муҳандис, наққош, музикашинос ва табиб буд. Ин илмҳоро вай берун аз ҷадвали дарсҳои мадраса бо саъй ва кӯшиши худ омӯхта буд.

Мероси адабии Аҳмади Дониш вайро ба мо ҳамчун маорифпарвари (просветитель) Бухорои ниман дуюми асри XIX мешиносонад. Ин мероси адабӣ асосан иборат аз ду китоб аст: 1) „Наводирулвақоеъ“, 2) Рисола дар бораи ахволи ҳукуматдории амирони манғит. Ҳар дуи ин асар ҳам ба наср навишта шудааст. Китоби аввал асарҳои сиёсӣ, ҳикоят ва повестҳои саргузаштӣ, ёддошти сафаррҳои ба Русия кардаи нависанда, васият ба фарзандон ва маълумотҳои доир ба тарҷумаи аҳволи ӯ ва баъзе дигар асарҳоро дарбар мегирад. Китоби дуюм („Рисола“) ки ҳаҷмаш хурдтар аст, тамоман ба танқид ва ҳаҷви ҳукуматдории амирони манғит, асосан амир Музаффар бахшида шудааст.

Ин асарҳои Аҳмади Дониш ҳанӯз дар холати дастнавис мебошанд ва дар Иттифоқи Советӣ аз чанд нусха зиёдтар нестанд. Онҳо ҳатто чопи сангӣ ҳам надоранд, зеро ки пеш аз революция, дар замони амир бисьёрии асарҳои Аҳмади Дониш азбаски танқид ва ҳаҷви тартиботи амириро дарбар мегирифтанд, характери махфӣ доштанд. Онҳоро факат ҳамфикрон ва дӯстони наздики нависанда аз даст ба даст дода хонда метавонистанд. Баъд аз революция факат дар „Намунаи адабиёти тоҷик“-и устод С. Айнӣ (1926) ва дар „Намунаҳои адабиёти тоҷик“и соли 1940 чопшуда

аз навиштаҳои Аҳмад махдум баъзе порчаҳои хеле кӯтоҳ дарҷ карда шудаанд.

Агар як мақолаи профессор Е. Бертельсро*) ки дастнависҳои таълифоти Аҳмади Донишро номгӯй карда мухтасаран мундариҷаи онҳоро баён менамояд, истисно кунем, то ҳол мероси адабии ин нависандаи калон кариб ҳеҷ омӯхта нашудааст.

Ҳамчун маорифпарвар, тараққипарвар ва танқидкунандаи тартиботи феодалии амирӣ, рӯли Аҳмади Донишш дар тараққии афкори ҷамъиятӣ на факат дар Бухоро, балки дар тамоми Осиёи Миёна ҳам хеле калон аст. Агар холис таърихи адабиёти тоҷикро гирем, дар ин боб ҳам вай хизмати бузург дорад. Услуби насрнависии реалистӣ ва соддаанависӣ, ки дар адабиёти асри XIX тоҷик пайдо шуд, аз Аҳмад махдум сар мешавад. Дар ин маъно номи вайро ба сардафтари адабиёти „давраи нави“ тоҷикӣ гузоштан мумкин аст. Аҳмад махдум ба тақлиди Бедил зарба дод. Дар давоми якӯним-ду асри охир дар назм ва насри адабиёти мо ба услуби Бедил таклидкунӣ бисьёр ривоҷ ёфта буд; ба кавли С. Айнӣ, ҳар касе ки ба дасташ қалам мегирифт, чизе дар пайравии Бедил навиштанро вазифаи худ мешумурд. Услуби Бедил махсуси назария ва философияи ин шоири бузург буда, печдарпеч ва душворфаҳм аст. Аҳмад махдум ба мукобили ин таклидкорӣ мубориза бурд; вай на фақат худаш тарики соддаанависиро пеш гирифт, балки ҳамзамонҳояшро ҳам ба ҳамин роҳ ташвик кард. Албатта, ба хонандаи замони мо асарҳои

*) „Турды Таджикской Базы Академии Наук СССР“, т. III, М.—Л., 1936 г., стр. 9.

Дониш он қадар содда наменамоянд, чунки дар солҳои баъд аз революция забони адабии тоҷик бо суръати тез ба тарафи соддагӣ ва оммафаҳмӣ тараққӣ кард. Забони асарҳои Дониш ҳарчанд дар соддагӣ ба дараҷаи адабиёти имрӯзаи мо набошанд ҳам, вале нисбат ба асарҳои бисьёрии нависандагони пеш аз вай гузашта хеле соддаанд ва ҳар одами босаводи имрӯза бо андак диққат онҳоро фаҳмида метавонад. Забони вай хеле бой ва образнок аст.

Расвогиҳои усули идораи амирӣ, зулму бедодҳои дар ҳаққи халқ карда мешудагӣ ва разолатҳои ҳаёти шахсии амиронро ҳеҷ касе аз нависандагони асри XIX мисли Аҳмад махдум сахт ҳачв ва танқид накарда аст. Танқидҳои худро вай бо оби дида ва хуни дили шахсе ки аламзада аз бадбахтиҳои ватан ва халқи худ мебошад, навиштааст. Вай ислоҳ кардани ҳаёти ичтимоии пурфалокати Бухоро ва таъмин кардани амнияти ҷон ва моли халқро талаб менамояд.

Дар замони Аҳмади Дониш ҳамаи одамони равшанфикр ва тараққипарвари Бухоро, ҳамаи шоирон ва нависандагони бовичдон ва халқдӯст дар гирди вай ҷамъ шуда буданд. Онҳо ҳам дар зиндагии Аҳмади Дониш ва ҳам баъд аз вафоти вай ӯро ҳакдорона устод ва раҳбари худ медонистанд.

* * *

Замони Ахмад махдуми Дониш замони бенихоят пӯсидани феодализм, боло гирифтани ҷабру зулми амирон, амалдорон ва мустамликачиёни подшохӣ бар халқ буд. Дониш фатҳ ва истилои Русияи подшохӣ Осиёи Миёнаро, ки дар чанги ба мукобили вай бехад акиб-

монда будани мамлакат ва пӯсидагии тартиботи феодалии Бухорои амирӣ ва дигар хониҳои Осиёи Миёна ба таври барҷаста намоён гардид, бо чашми худ дид.

Маданияти моддӣ ва маънавии халки тоҷикӣ-эронии Осиёи Миёна, ки дар асрҳои IX—X дар давраи Сомониён хеле нашъунамо карда буд, пас аз фатҳи қабилаҳои кӯчманчии турк, пас аз истилои муғулон дар асри XIII, пас аз ҷангҳои харобиовари темуриён дар асрҳои XIV—XV, пас аз фатҳи қабилаҳои кӯчманчии шайбониҳо ва аштархониён дар асрҳои баъд, зина ба зина паст ва хароб гашт. Он маданият гоҳ-гоҳе, чунончи дар ахди Улуғбек ва баъд султон Бойқарои темурӣ барин амирони маданиятпарвар, як қадар ҷоннок шуда рӯ ба тараққӣ мениҳод, лекин на ба муддати дароз. Дар паст шудани илму маданият дар хамаи асрҳо рӯҳониёни исломии муттаассиб ва реакционӣ роли калон бозӣ мекарданд.

Дар миёнаҳои асри XVIII дар хонии Бухоро аз байни қабилаҳои ӯзбек қабилаи Манғит, ки дар Қаршӣ буд, зӯр ва нуфуз пайдо кард. Сардори ин қабила Рахим бӣ атолиқ охирин амири аштархониён Абулфайзхонро ва хам ду писари ӯро ба навбат кушта дар соли 1757 тахти Бухороро ба даст дароварда. Аз хамин вакт сар карда дар Бухоро хокимияти сулолаи манғитиён сар мешавад.

Дар давраи хукмронии ин сулолаи хонахароб дар Бухоро ҷахолатпарастӣ ва таассуби динӣ, ҷабру зулм ба халк, бенизомӣ ва харобкорӣ нихоятдараҷа авҷ гирифт.

Дар ин ҷо мо агар дар бораи муддати хукмронии амирони мангит маълумоти кӯтохи хроникавӣ дода гузарем, аз фоида холӣ намешавад.

Раҳим бӣ атолиқ дар Бухоро 12 сол ҳукмронӣ карда, дар соли 1769 мурд.

Баъди вай ҳукумати Бухоро ба дасти амакаш Дониёл атолиқ гузашт. Аҳмад махдум дар рисолаи худ менависад, ки сипоҳиён ва амалдорони Дониёл „шӯъла аз чароғи бевазан ва нон аз амбори авқоф (вақфҳо)“ медуздиданд. „Бозори ҳумру қимор ва фиску фасод бисьёр роиҷ ва гарм буд дар миёни умаро ва ҳукком“ (яъне сардорон ва ҳокимон). Дониёл дар соли 1785 мурд.

Баъди вай писараш Шоҳмурод амир шуд. Шоҳмурод одами маккор ва риёкор буд. Вай ҳанӯз дар вақти зиндагии падараш, барои он ки дар байни рӯҳониён, ва ба воситаи онҳо дар байни халқ, нуфуз пайдо кунад, худро ба дарвешӣ ва қаландарӣ зада мегашт. Ҳамин тавр нишон медод, ки гӯё нафси худро шикастааст. Шайххо ва эшонҳо вайро ба халқ „валӣ“ гуфта нишон медоданд. Шоҳмурод ба ивази ин хизмати онҳо кисаи онҳоро пур карда меистод. Номи „амири маъсум“ яъне „амири бегуноҳ“ро ҳам ин марди ҳилакор аз ҳамон шайхон, эшонон ва сӯфиён гирифт. Лекин дар зери ниқоби ин фурӯтанӣ ва парҳезкорӣ марди хабис, фосид ва хунрезе пинҳон шуда буд. Дар вақти амирии худ вай хуни бисьёр бегуноҳонро рехт. Чандин бор ба тарафи Хуросон ва Эрон тохтутоз карда, аҳолии он тарафҳоро ҳазор-ҳазор бандӣ карда оварда дар бозорҳои ғуломфурӯшии Бухоро фурӯхт ва фурӯшонд. Вай дар вақти яке аз ин тохтутозҳояш сарбанди Марврро вайрон карда шаҳрро хароб гардонид.

Аммо дар дохили хонии Бухоро амир Шоҳмурод

тавонист, ки ҷангу ҷидолҳои феодалиро барҳам диҳад, дар натиҷа аҳволи хоҷагии мамлакат як қадар беҳтар гардид. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки Аҳмад махдум дар „Рисола“-и худ дар бораи Шоҳмурод бо ҳусни тавваҷҷӯҳ сухан меронад. Аҳмад махдум баъди 26 соли мурдани Шоҳмурод ба дунъё омад, вай бешубҳа акидаҳои дар бораи „амири маъсум“ хукмрон бударо ифода кардааст. Барои мустаҳкам кардани он акидаҳо дар навбати аввал рӯҳониён бисьёр саъй ва кӯшиш карда буданд. Шоҳмурод 15 сол подшоҳӣ карда, дар соли 1801 мурд.

Ҳукумат ба дасти писари вай Ҳайдар гузашт. Ин амир мударрис ва фосиқ буд. Рӯзҳо дарсгӯй мекард, шабҳо ба фиску фуҷур машғул мешуд. Муллоҳои хушомадгӯе ки дар гирди ӯ ҷамъ шуда буданд, одамҳои ба худашон дилнописандро зиндон мекунониданд, мекушонданд. Амир Ҳайдар 27 сол хукмронӣ карда дар соли 1828 мурд.

Баъди вай писараш Хусейн амир шуд, лекин баъд аз ду моҳу чордаҳ рӯз мурд. Ба ҷои вай бародараш Умар гузашт. Дар ин вакт бародари дигари вай Насрулло, писари сеюми амир Хайдар, дар Самарканд буд. Вай пинҳонӣ лашкар кашида омада нохост Бухороро мухосира кард. Аммо амир Умар дар либоси занона ва бо фаранчӣ аз шаҳр гурехт. Ҷаллодоне ки Насрулло аз паи ӯ фиристода буд, вайро дар кадом ҷое ёфта сар буриданд. Хамин тавр Насрулло дигар бародаронашро хам кушта ба тахти Бухоро сохиб шуд.

Пас аз мурдани вай ки дар соли 1861 вокеъ шуд, ба тахти Бухоро писараш Музаффархон нишаст. Дав-

раи подшоҳии Насрулло ва Музаффар, ки Аҳмади Дониш дар он давр зиндагонӣ кардааст, дар таърихи хонии Бухоро аз фоҷианоктарин ва нурфалокаттарини даврҳо буд. Мо аҳволи мамлакатдории ин ду амир ва воқиаҳои иҷтимоӣ-сиёсии дар замони онҳо рӯй додаро дар поёнтар нақл мекунем.

Музаффар 25 сол подшоҳӣ карда, дар соли 1885 мурд. Писари вай Абдул-Аҳад амир шуд. Дар золимӣ ва фосиқӣ ин ҳам аз падару бобоёнаш ҳеҷ монданӣ надошт. Дар охирҳои умраш ба марази сифлис гирифтор шуда, пас аз ҳукмронии 25 сола дар соли 1911 мурд.

Писари вай Олимхон амири даҳӯмин ва охирини манғит буд, ки меҳнаткашони шӯришкардаи тоҷику ӯзбек бо ёрии халки бузурги рус ва Армияи Сурх вайро дар соли 1920 аз тахт ғалтонда, аз мамлакат зада рондand ва аз зулму асорати амирон абадӣ озод гардиданд.

2

Аҳмад махдум дар соли 1827 ё 1828 дар Бухоро зоида шуд. Падару модараш ғайр аз вай фарзанд надоштанд. Падараш Носир ном аз аҳли Бухоро, аз афташ одами бесавод буд, лекин модараш саводнок буда ва мактабдорӣ ҳам мекардааст. Онҳо барои хонондани фарзанди ягонаашон бисьёр саъй ва кӯшиш менамуданд.

Модари Аҳмад вайро аз синни 6—7 солагӣ дар пеши худаш ба таълим додан сар кард. Аҳмад зеҳни тез дошт ва сабақҳояшро зуд ва осон азьёд мекард. Мо-

дари вай зани окилае буд ва аз адабиёт хабар дошт. Вай барои инкишофи кувваи хофизаи Ахмад, ба ӯ шеърхои классикхо, хусусан шеърхои Саъди ва Абдурахмон Чомиро азьёд мекунонд. Ин тарбияи модар самараxои хуб дод: кувваи хофизии Ахмад хуб инкишоф кард, то хадде ки вай хар шеъри хуберо бо як—ду шунавидан ё як—ду бор хондан азьёд мекардаги шуд. Дар табиаташ шавк ва мухаббате ба адабиёт пайдо шуд. Модари Ахмад тавонист дар писари қобилиятноки худ хавсала ва ғайрати хониш-омӯзиш ва акли зираки чӯянда тарбия кунад; Ахмад дар китоб чойхои нафахмидагиашро доим мепурсид, аз луғат ва тафсирхо маъноои онхоро чустучӯ мекард.

Ахмад махдум баъди бисьёр солхо, вакте ки донишманд ва адиби машхур шуда буд, дар як чои „Наводирулвакоеъ" айёми бачагӣ ва мактабхониашро ёдоварӣ мекунад. Мо огох мешавем, ки модари вай барои дар писари худ пайдо кунонидани хаваси шеъргӯӣ кӯшиш мекардааст. Дар аввалхо аз „шеър"-хои Ахмад маъно ва мазмуни равшан талаб намекарда, балки ба суханхои вазну кофиядоре ки Ахмад мегуфт, каноат мекардааст. Ахмади Дониш дар хамон чои китобаш менависад, ки ман аз модарам „гохе мавзун сохтани каломи ба кофия" меомӯхтам, „бе он ки ӯро маъние бошад... Ба хотир дорам, ки дар овони туфулият ба калам ва мадод ба деворхои хокӣ болои кулӯх хатхо кашида ба хандаса харфхо мениходам... Аз тафсири Мавлоно Яъкуби Чархӣ маонии он чи хонда мечустам ва луғотро ба хамдигар татбик ва киёс мекардам".

Дар синни нӯҳсолагӣ падару модари Аҳмад ӯро ба мактаб доданд то қуръонро азьёд кунад. Эҳтимол онҳо мехостанд, ки вай қорӣ шавад. Мактабхонӣ ба Аҳмад бисьёр сахт ва душвор омад, на ба он сабаб ки зеҳни вай суст ё қобилияташ кам буд. Не, вайро забони арабии бегона ба мушкилӣ андохт. Аз ёд кардани қуръонро бе фаҳмидани маъноӣ он мизоҷи Аҳмад қабул накард. Вай ба фаҳмида хондан одат карда буд. Ғайр аз ин, вай дар забонаш каме лакнат дошт (андак забонаш мегирифт) ва калимаҳои арабиро он тавре ки лозим аст, талаффуз карда наметавонист. „Ба душворӣ сабаке ҳифз мекардам,—менависад Аҳмад махдум дар ҳамон ҷои китобаш,—ва ба такрори бисьёр ҳавсала надоштам ва муҳаббате зиёда бар ҳифз дар табиати худ намеёфтам... ва ранҷе бесамар муояна мекардам", яъне зӯр-зӯракӣ азбаркунии шеърҳои забони бегонаи нофаҳморо меҳнати беҳуда ҳисоб мекардам. Аз ин сабаб Аҳмад аз мактаб дилсард ва дилгир шуд; агар маҷбурияти падару модар намешуд, вай бо камоли хурсандӣ аз баҳри онгуна илмомӯзӣ гузашта ягон касби дигарро ёд мегирифт.

Аҳмад дар мактаб бисьёр зиқ мешуд, дашном ва калтакҳои устод вайро аз ҷон безор мекарданд. Ҳамин ки аз мактаб озод мешуд, ҳамчун мурғи аз кафас ҷаҳида ё маҳбуси аз қайд раҳоёфта шодон ва давон мерафт, фақат фарқи вай аз он маҳбус ё мурғ ҳамин буд, ки онҳо ба сӯи хона ва ошьёна мешитобанд, ин бошад ба сӯи... қиссахонҳо медавид. Дар давраи хонандагони қисса ва афсонаҳо вай хушҳол мешуд, завқ мегирифт. Онҳоро тавориххон мегуфтанд; онҳо

дар масҷидҳо, дар ҳуҷраҳои мадрасаҳо, дар дӯконҳо, дар лаби ҳавзҳо даврa шуда „Шоҳномаи“-и Фирдавсӣ ё „Ҷангнома“, „Замчинома“ барин афсонаҳои баҳодурӣ ва дигар қиссаҳои авлиёҳоро мехонданд.

Аҳмадро дар хона нурсучӯи дилгиркунандаи падару модар дар бораи сабаки имрӯз дар мактаб хонда-шуда, танбеҳ ва сарзанишҳои онҳо мунтазир буд,— дар ҳалқаи таворихҳонҳо бошад ҳикоятҳои аҷиби завқ оваре, ки хаёли бачагии ӯро мафтун мекарданд, мун-тазири ӯ буданд. Худи Аҳмад махдум дар ин бобат чунин менависад: „Ҳамин ки аз мактаб берун мешу-дам, дар маъракаи таворихҳонон ҳозир мешудам ва бар он рағбате ва шавқе дар табиат доштам, аҳволи гузаштагонро... муфассалан дар он маҷлис мешунидам ва ҳоли маорик ва ҷидоли салотин (ҷангу ҷидолҳои подшоҳон) дар мамлакатдорӣ ва боз аз сари мулк ба осонӣ бархостан ва ба катми адам рафтан (маҳв ва нобуд шуда рафтан)-ро дониста бар инқилоби аҳволи ҷаҳониён вукуфи куллӣ ҳосил мекардам, аз ин вақ басе силӣ ва кафо (шапалоқ ва калтак) аз муаллим ва падари худ хӯрда муназаҷҷир (дилгир ва хафа) мешу-дам. Агар маро дар хона гум кунанд, аз маъракаи кис-саҳонон меёфтанд, аммо дар ҳифзи сабак эҳмол варзи-да (бепарвоӣ карда) ба кашу кӯк сабаке гузаронида сабаке дигар мегирифтам, ва гоҳе аз ҷиҳати коҳилӣ ва тарс чун сабаки худро ба коғазпорае тулонӣ ба як сатри тамом навишта, чашми устодро дуздида, аз зери тахта аз рӯи он мехондам, ки устодам ғофил буд ва боракалло мегуфт“.

Бо ҳамин машаккат, ба кавли худи Аҳмад махдум

„ба тааб ва ранҷи фаровон“ вай дар муддати се сол хатми қуръон кард. Вале он ба Аҳмад ба хубӣ ҳифз нашуда буд; он чи вай азьёд карда буд, пас аз муддате ҳамаро фаромӯш кард. Чизҳои нофаҳмида хондагӣ маҳол аст, ки дар ёди кас монанд. Вақте ки вай бори дуюм ба ҳифз кардани қуръон даромад, боз ҳамон машаққати аввала ба пеш омад. „Балки зиёдтар дилсардӣ ва коҳилии тан афзун гашт ва билкул данг ва гаранг гаштам“,- менависад Аҳмад махдум дар ҳамон ҷои „Наводирулвақоеъ“,— „ва ҷавдат ва ҷавҳар ки дар зеҳн доштам, ба тамомӣ мафқудуласар гардид (таъсираш гум шуд) ва қувваи ҳофиза ба зиён омад“.

Аҳмад аз барор нагирифтани қуръонҳифзкуниаш доим зиқ ва дилтанг буд ва бисьёр ғусса мехӯрд. Ин ба саломатии ӯ таъсир кард: иштиҳои ӯ суст шуда, танаш лоғар ва заиф гашта, қариб буд ки ба бистарӣ беморӣ бихобад. Онҳоҳ падар ва муаллимаш диданд, ки аз ингуна таълими бача ғайр аз ранҷу озор ва заъфи саломатӣ натиҷае намебарояд, бинобар ин аз ҳифзи қуръони ӯ даргузаштанд ва ӯро ба мадраса доҳил.

Аҳмад дар яке аз мадрасаҳои Бухоро ба таҳсил сар кард. Аввалҳо дар хонаи падару модараш истиқомат мекарад, баъдҳо падараш ба вай аз мадраса ҳуҷрае харида дод, то ки вай ба зумраи одамони толиби илм дохил гашта, тамоман мадрасагӣ шуда, аклу ҳуши худро аз ғайри таҳсили илм ба чизи дигаре банд накунад.

Аҳмад дар он вакт 14—15 сола буд. Зеҳни ва истеъдоди баланди вай ки дар зери бори гарони ҳифзи қуръони дилнописанд гуё фишор хурда монда буд, аз

нав кушода шуда рафт. Дар зиндагонии вай акнун як давраи нав сар шуд. Вай аз чорчӯбаи танги оилаи падару модар ба майдони васеи ҳаёт баромад. Дарсҳояшро вай бо муваффақияти тамом ва ҳатто бе заҳмати зиёд азхуд мекард. Ба вай ҳатто чунин менамуд, ки барои ёд гирифтани ҳамон миқдор илме ки мадраса медиҳад, кирои он қадар зӯрзанӣ ҳам намекунад. Рафта-рафта вай берун аз чадвали дарсҳои мадраса китобҳои доир ба илмҳои гуногунро мехондагӣ шуд.

Муллобачагони Бухоро назар ба дигар табақаҳои аҳолӣ ҳаёти пурчӯштаре доштанд. Муллобачагони сердаромад, бойбача ва махдумзодагон чӯрабозӣ мекарданд, харифона мехӯрданд, базмҳои дӯстона барпо менамуданд; муллобачагони камбағал ошпазӣ, чомашӯӣ ва дигар хизматҳои онҳоро карда, ё ба ивази кӯмаки моддӣ дарсҳои онҳоро муколима карда дода, низ ба ҳамин восита каму беш ба базму зиёфатҳои онҳо шарик мешуданд. Мачлисҳои адабӣ барпо мешуд. Ахмад махдум ҳам ба ҳамин зиндагонӣ кашида шуд.

Ин муллобачаи логари заифчусса зоҳиран факер ва хоксор менамуд, вале муддате нагузашта ҳамдарсонаш дар шахси вай чавони хуррамтабиатеро кашф карданд. Вай бисьёр зиндагидӯст, шӯх, улфат ва хушчақчақ буд. Танбӯр менавохт, тарона мехонд, сӯҳбатҳои форам мекард.

Аммо чӯрабозӣ харочот талаб мекунад. Ахмад махдум дар китоби дар боло зикр ёфтааш менависад, ки «аз рафту омади асхоб (дӯстон) ва мачлисорой» ҳеч чои гурез набуд, ҳама ба ин бало гирифтор буданд. Ахмад аз падараш маоше мегирифт ки он, агар зиёдаталаби

накунад, барои гузарони студентонаи вай кифоя буд. Вале акнун он маош кифоя намекардаги шуд. Зарурияти „оростани хучра ва асбоби он ва рафту ой бо дӯстон“ ӯро мачбур кард, ки бо хар роҳе „касби симу зар“ намояд, яъне пул пайдо кунад. Ба ин максад вай ба китобати девони Абӯлмаонӣ (Бедил) сар мекунад. Дар он вақтҳо хусни хатти вай бисьёр боло гирифта буд. Пас аз тамом шудани. дарс дар мадраса, вай ба сари китобат менишаст. Вай чунон пуркор ва боҳавсала буд, ки хар моҳе як девони мунтахаботи Бедил китобат мекард ва барои ин, мувофики байъи пешакӣ, аз одамони китобат фармудагӣ аз бист то сӣ танга музд мегирифт. Як кисми пули кор кардагиашро сарф, кисми бисьёртарашро захира мекард. Бо муболиғаи шӯхонае ки ба баъзе навиштаҳои Аҳмад махдум хоҳаст, вай мегӯяд ки дар он замон ман бисьёр хасис ва мумсик шуда будам, ҳирси пулчамъкунӣ бар ман ғалаба карда буд, „агар танҳо будаме, хеч нахӯрдаме ва ба обу нони хушк қаноат кардаме. Аз шурако (шарикон) он ки хубрӯй ва дилкаш буд, назди ӯ такаллуфе ба кор мебурдаму, бадшакл ва ноҳинчорро аз дар меронда м, ки агар магас дар косаам нишастӣ, пои ӯро макида раҳо мекардам ва резаи нон аз даҳони мӯр мерабудам...“

Аҳмад махдум ин кордории худро „хислати разила“ меномад ва ба худо шукр мекунад, ки вай ӯро ба зудӣ аз ин одат халос кард. Назар ба гуфти худаш, халосии ӯ аз ин „ҳирси чамъ“ ва „хиссат ва амсок“ (хасисӣ ва мумсикӣ) пас аз дидани як вокиаи ногахонӣ ба амал омадааст.

Воқиа ин аст. Рӯзе Аҳмад махдум ба қишлоқ, ба хонаи як хеши худ меравад. Дар бозгашт писари аммааш ба вай ҳамроҳ мешавад, ки вайро то шаҳр гусел кунад. Дар роҳ ҳарду ба хонаи як хеши дигарашон мефароянд. Дар ин ҷо писари аммаи ӯ нохост бемор шуда меафтад ва ба ду соат нарасида мемурад. Вай як ҷавони солими тануманд ва боқувват будааст, ба тавре ки „чун каланд бар замин задӣ, хок аз шонаи сарӣ (чуқурии замин) бардоштӣ, як ман бор бар дӯш кашидӣ ва ба як даст бар пушти шутур ниҳодӣ“. Ин ҳоли фоҷианок Аҳмад махдумро огоҳонидааст ва ӯ ба худ гуфтааст, ки „ин ҷавон ба ин шиддат ва тундӣ дар як он ба сарсари аҷал аз миён рафт, ту ба ин пайкари заифу ҷуссаи наҳиф ин ҳама ранҷу тааб бар нафси худ чаро ниҳодай? Охир мурдани одамӣ чунин саҳл ва осон будааст, мабод ки ногаҳон бимирӣ ва захираи ту насиби дигарон шавад ва ту дар хусрон ва зиён афтӣ“. Баъд аз ин, мегӯяд Аҳмад махдум, ман аз ранҷу меҳнати пулҷамъкунӣ ва хасисӣ даст кашидам ва ҳар даромаде ки пас аз он аз китобат ва ғайра ба дастам меомад, „ҳамаро сарфи дегу пиёла ва нуқлу навола намудам, ва он драмҳо ки ба сахтиву саубат гирд оварда будам“, дар қадами дӯстонам харҷ кардам. Ҳамдарсҳои ман ки соле чорсад драм камобеш маош доштанд, аз он захира мекарданд, ман бошам ба ду ҳазор драм базӯр гузарон менамудам „ва боз аксар ба қарз мӯхтоҷ мешудам“.

3

Аҳмад махдум мадрасаро тамом кард. Дар он ҷо

сарфу наҳви арабӣ, фиқҳ (қонунҳои дину шариат) ва мантиқ дарс дода мешуд. Чунонки дар боло гуфта гузаштем, Дониш берун аз ҷадвали дарси мадраса боз бо саъю кӯшиши худ илмҳои тиб, ҳисоб, ҳандаса, муназҷимӣ ва наққоширо ёд гирифт. Китобхонаи худи Аҳмад махдум бисьёр камбағал буд, назар ба қавли худаш, он чо „ғайр аз панҷ—шаш ҷузъ аз аҷзои мукаддамот... ҳеҷ китобе аз арабӣ ва форсӣ набудааст". Китобҳои даркориро вай аз дӯстон ва шиносонаш амонатталабӣ мекардааст. Ин муллои камбағал бағоят пуркор буд. Дар ҳақиқат, ҳаргоҳ ки пуркорӣ бо қобилиятҳои баланди ақлонӣ ҷамъ мешавад, натиҷаҳои мӯъҷизаноке ҳосил мегардад.

Дар омӯхтани рассомӣ, наққошӣ ва лаввоҳӣ Аҳмад махдум аз ёрии мутахассисони ин ҳунар истифода намуд. Вокиаи чи навъ ин ҳунарро омӯхтани вай ҷолиби диққат аст. Нависанда дар „Навэдирулвақоеъ" ҳикоят мекунад, ки рӯзе як дӯстам ба ман девони ғазалиётеро китобат кардан фармуд, ман ин фармоиши ӯро бо хурсандӣ бачо оварда нусхаи девонро бардошта ба дасташ додам. Вай ба ман гуфт, ки ин китобро „ҷадвал ва лавҳ ва тасвир муносиб аст". „Ман ки ҳанӯз кӯча ва бозор камтар дида будам ва манзилу мақоми аҳли ин санъатро намедонистам", аз одамони медонистагӣ суроғ карда онҳоро кофта ёфтам ва „ба тараддуд ва заҳмати фаровон" он китобро бо лавҳу накшҳо зинат дода, зарҳалкорӣ карда ба дӯсти худ расонидам. Китоб ба вай бисьёр маъқул шуд. Баъд ман андеша кардам, ки китобзинатдиҳӣ аз ҳунарҳои зарурӣ мебошад ва хурду калонро, хусусан „хубрӯён, ашроф

VII.

„... уммолро ба хиёнат гӯшмол додан лозим аст, лекин на чандон ки аз кор боз монанд, зеро ки ҳеч оқил амали эшонро ихтиёр накунад, лошак боз ба дешон эҳтиёҷ афтад".

VIII

„... умуми гунаҳкорро то модом ки хиёнати мулкӣ аз эшон бубинад, ҳабс фармояд, чандон ки панд гиранд, ҳадди он аз се рӯз то се мох; ва аз ин зиёда хабсро раво надорад, ки мутаалликони эшон зоеъ бимонанд." (Яъне аҳли хонаводаи онҳо хор мешаванд).

IX

„... бояд ки подшох суфаро ва расулон (сафирон ва элчиёни давлатҳои дигар)-ро эҳтиром намояд..."

X

„... Подшох бояд ки ҳар чанд гохе лашкарро ба нафси худ ба таҳкик бингарад, то наврасидагон ки ба сархадди рушду камол расидаанд ва аз имтиҳонот баромада,—навозиш ва илтифот кунад ва мансаб бахшад, то ба хизматгорй дил биниҳанд, ва пиронро ки аз кор афтодаанд маъзул дорад ва авлоди онҳоро ба чои онхо бардорад, ва агар ҷонишини лоиқ надоранд, падрор ва мавочиби онҳоро қатъ накунад (яъне маоши онхоро набуррад), то дигарон дар хизмат сустй нанамоянд".

„... мардуми сахтидида ва ғурбату курбаткашидаро хизмат фармояд, ки ба ҷон дар ростӣ кушоад аз бими бенавоӣ. Ва сипоҳе ки аз сафи корзор (аз майдони ҷанг) гурезад, бибояд куштан ки хунбаҳои хештанро пешин хӯрдааст...“

Инчунин Аҳмад махдум таклиф мекунад, ки дараҷаҳои фан ва ҳунари сипоҳигарӣ муқаррар карда шавад, ки „кас то ба он поя нарасад, ҷоҳ ва мансаби рафикро орзу накунад“. Масалан ба сарбоз бояд 500 драм мавоҷиб таъин карда шавад, чун туфангандозиро ёд гирад—600 драм, асптозиро ёд гирад—700 драм, ва пас аз он ки коидаҳои ҷангро хуб ва мукаммал ёд гирифт—то 800 драм ва ғайра. Дар баробари афзоиши илму ҳунар, таҷриба ва лаёқати ҳар сарбоз, вай бояд дараҷа ба дараҷа ба мансабҳои баландтар ва ҳатто то ба мансаби сарлашкарӣ бардошта шавад, агар ба сабаби банд будани ҷой он сарбоз ба он мансаб соҳиб шуда натавонад, бояд ба вай мавоҷибе ки соҳиби ҳамон мансаб мегирад, дода шавад. „Чун ин назм ва насақ ҷорӣ доранд, лашкар бағоят ороста гардад ва ҳар кас рӯ ба ҳунар оварад, на ба ҳасад... бас инчунин лашкар бемуҳобо хешро дар обу оташ зананд“.

Аҳмад махдум ба пирони аз меҳнат монда ва маъюбон (инвалидҳо) аз давлат нафақа доданро талаб мекунад.

Баъд вай лоиҳаи ташкил додани машваратхонаи давлатӣ (государственный совет)-ро пешниҳод мекунад. Аъзоёни машваратхона, мегӯяд вай, бояд аз намоян-

дагони ҳамаи табақаҳои халқ ва оқилтарини онҳо таъин карда шаванд, ва ба ҳар чи ки онҳо иттифоқ карда қарор намоянд ва дар корҳои мулкию молӣ ва ободии мамлакат он тадбирро лозим ёбанд, амир бояд онро ба амал оваронад. Ҷолиби диққат аст, ки Аҳмад махдум дар ҳузури амир маҷлисбарпокунии машваратхонаи давлатиро манъ мекунад, чунки,—мегӯяд вай,—агар амир дар машварат ҳозир бошад, роҳҳои савоб баста мешавад, машварат ба хушомадгӯй оид мегардад ва машваратчиён аз андешаи малоли хотири амир аҳволи корҳои муҳимми давлатиро он тавре ки ҳаст, зоҳир карда наметавонанд, ё агар амир чизе гӯяд, агарчи гуфтаи вай хато ва нодуруст бошад ҳам, аз тарс рад карда наметавонанд.

Аҳмад махдум дар танқидоти худ ва ислоҳотталабии худ ҳамчун намояндаи унсурҳои тараққипарвари маҳаллӣ ба майдон мебарояд. Вай тарафдори мутлақияти маорифпарвар (просвещенный абсолютизм) буд. Вай масъалаи сарнагун кардани сохти амириро наменамонад ва монда ҳам наметавонист. Дар Бухорои асри XIX барои пайдоиши фикри барҳамзании сохти амирӣ ва ивазкунии он бо республикаи буржуазӣ замина набуд. Қувваҳои истеҳсолкунанда тараққӣ нокарда буданд, буржуазияи саноатӣ ҳанӯз ба вуҷуд наомада буд, буржуазияи тиҷоратӣ бошад ҳанӯз хеле заиф ва номустақил буд ва дар иқтисоди мамлакат роли ҷиддӣ бозӣ намекард. Аҳмади Дониш мехост, ки амири маорифпарвар ва одиле бошад, ки идораи давлатро ислоҳ кунад, қонун ва қондаҳои тозаи одилона ҷорӣ кунад, ба ободии мамлакат кӯшад, одамҳоро на ин ки ба на-

саб ва дороии онҳо, балки ба дониш ва қобилиятҳо онҳо нигоҳ карда амалу мансаб диҳад ва ғайра ва монанди инҳо.

Сафарҳои Русия ва мушоҳидаи тартиботи он чо ин ақидаҳои Аҳмади Донишро қувват доданд. Ба вай низоми мамлакатдории подшоҳӣ дар Русия нисбат ба низоми (дурусташ бенизомии) Бухорои амирӣ хеле бехтар намуд.

Аҳмади Дониш дар бораи зарурияти ислоҳ кардани услуби давлатдорӣ фикрҳои худро борҳо ба амир Музаффар даҳанакӣ ҳам баён кардааст. Амир Музаффар ӯро ҳамчун мунаҷҷим ҳурмат мекард, аммо Дониш, бар хилофи бисьёрии ҳамзамонҳояш, обрӯи худро дар назди амир қатъиян барои манфиатҳои шахсӣ истифода накард, балки баръакс кӯшиш кард, ки онро барои кушодани чашми амир ба расвоиҳои усули идораи давлат ва барои барҳамдиҳонидани он расвоиҳо истифода намояд.

Дар ин мавзӯъҳо вай ба амир нотарсона гап мезад. Дар натиҷаи ҳамин ҷасораташ вай окибат ба амир бад шуд ва аз вай таънаҳо шунавид. Вай дар мактубҳои аз Петербург ба амир мефиристодагиаш тартиботи давлати русро таъриф карда, зимнан расвоиҳои давлатдории амирро танқид мекард. Дар он мактубҳо амир ханҳои талхро мехонд. Дар соли 1870 вақте ки Ахмад махдум аз сафари Петербург баргашт, дар Шаҳрисабз бо амир мулоқот кард. „Табъи амир шӯрида ва мукаддар буд аз он ки арзаҳои бехушомад менавиштам", менависад Аҳмади Дониш дар „Рисола"и худ.— „Чанд

рӯзе ба таҷоҳул гузаронида, охир дар вакти мурочиат дар Қаршӣ маро назди худ талабида микдори як соат аз муомилоти Русия ва авоқиби умур (оқибати корҳо) мепурсид, ман беибо мегуфтам".

Баъди чанд вакт амир як сафорати дигар ба Петербург таъин карда, писари худ Абдулаҳадро хамроҳ намуда фиристод. Аҳмад махдум ҳам мебоист бо он элчихо мерафт, вале амир Музаффар аз вай ранҷида буд, бинобар ин вайро аз ҳайъати элчиҳо хориҷ кард. Амир ба наздикони худ аз Аҳмад махдум шикоят карда гуфтааст, ки „ман фалониро ба суфорои давлат ба ҷониби Русия хамроҳ кардам, дар охир ба ман насиҳатгар шуд, ман баъд аз ин ӯро нафиристонам". Вакте ки ин хабар ба Аҳмад махдум мерасад, вай мегӯяд: „ман ҳам ба навкарии ин каллахарон толиб нестам".

Аммо солҳои дарози мушоҳида, таҳкик ва тачриба лозим буд то Ахмади Дониш боварӣ хосил кунад, ки кӯшишҳои ислоҳотчигии вай, ба кавли худаш, „ба гӯши харон танбӯрнавозӣ" аст, ва сохти пӯсидаи амирӣ худаш исмисифати хамаи иллат ва фалокатҳое мебошад, ки аз онҳо халк дар азоб ва Аҳмад махдум хунинчигар буд.

5

Тарҷимаи хол ва асархои Ахмад махдум таърихи пурфочиаи бештар аз якуним асри Осиёи Миёна ва хусусан Мовароуннахрро дарбар мегиранд. Вай дар бораи айбу иллатхои замони худ гох бо захрханда, гох бо оби дида, ва хар дафъа бо дарду алам сухан меронад.

Чунон ки дар болотар қайд шуд, Аҳмади Дониш дар замони се амир—Насрулло, Музаффар ва Абдулаҳад зиндагонӣ кард. Вақте ки Насрулло бародарони худро кушта ҳукумати Бухороро ба даст даровард, Аҳмад махдум яксола буд. Ин амир золими бадхашме, ҷоҳили пуртакаббуре, ҷаллоди ба хунрезӣ харисе буд. Вай бисьёр касонро аз зану мард бо дасти худаш хафа карда куштааст. Хатто бо охирин нафасаш ҳам вай машоми палиди худро ба бӯи хун „муаттар“ гардонид: чанд дақиқа пеш аз ҷон канданаш Кенагас-оним ном зани худро „ба гӯшам симоб рехт“ гуфта ба дасти ҷаллод супорида дар пеши чашми худаш кушонд*). „Давраи ҳукмронии вай пур аз ҷангҳои пай дар пай бо ӯзбекони Шаҳрисабз, бо хони Хӯқанд, бо Хева ва Афғонистон, пур аз ҷабру зулмҳои гӯш но-шунида бар аҳолии тоҷику ӯзбеки хонии Бухоро буд**). Насрулло ба худ Баҳодурхон (Ботурхон) ном ниҳода буд, лекин халқ вайро „Ботур кассоб“ лақаб кард, ва ӯ бо ҳамин лақаби сазовор ба таърих даромад.

Аз бедодиҳои ин бедодгар на фақат халқҳои хонии

---

*) Амир Насрулло дар давоми хукмронии худ 32 бор ба болои Шаҳрисабз лашкар кашида, охир охиро фатх намуда, авлоди хокимони Шаҳрисабз—кенагасҳоро кир кард. Кенагас оним ҳоҳари ҳокими Шаҳрисабз буд. Ривоят мекунанд, ки ин зан барои аз амир Насрулло касоси авлоди худро гирифтан ба гӯши вай симоб рехтааст. Амир пеш аз ҷон канданаш аз ин кори зан хабардор шуда вайро ки модари ду писари худаш буд, мекушонад.

**) *Б. Ғафуров и Н. Прохоров.*—„Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей родины“. Сталинабад, 1944. стр. 144.

Бухоро, балки аҳолии водии Фарғона, аз он ҷумла точикони осудаи он кишвар ҳам ба фиғон омада буданд. Дар замони ҷангҳои ғоратгаронаи вай бо хонии Хӯканд „шахри Ӯротеппа хароб карда шуд. Шахр ду бор аз даст ба даст гузашт. Вале ғолибият ба ҷониби Насрулло монд. Вақте ки ӯ пас аз муҳосираи 3 моҳа Ӯротеппаро аз нав ба даст дароварда, ҳам гарнизони ӯзбекии хони Хӯқанд, ки шаҳри Ӯротеппаро мудофиа карда буд, ва ҳам точикони осудае ки дар он шаҳр зиндагонӣ мекардаанд, ба қатлу ғорати бераҳмона гирифтор карда шуданд. Ин қатлу ғорат ба ӯротеппагиён нишон дод, ки онҳо бо чигуна душмани бадхашме сарукор доранд. Насрулло бо лашкари худаш ба тарафи Самарқанд рафта ҳанӯз ба он ҷо нарасида буд, ки онҳо ӯзбекони Хӯкандро ба ёрӣ даъват карда, ба гарнизони аз тарафи Насрулло гузошташуда хуҷум оварда вайро кир карданд. Онгоҳ оташи муборизаи байни Бухоро ва Хӯканд бо кувваи наве аланга гирифта рафт. Насрулло Ӯротеппаро аз нав муҳосира карда такроран қатлу ғорати ваҳшиёнае барпо намуд. Дар натиҷаи мубориза ба мукобили Хӯканд Насрулло ҳамчунин Хуҷанди точикнишин ва баъзе районҳои дигарро ҳам ки то он вакт тобеи хони Хӯканд буданд, зер карда гирифт.

Дар замони хукумати Насрулло хонихои Осиёи Миёна ба доираи манфиатҳои сиёсии Англия ва Русияи подшоҳӣ медаромаданд. Мустабиди бадхашм Насрулло ки фукарои худро ба ин кадар ҷафохо гирифтор карда буд, касдан кӯшиш мекард, ки байни хонии худ ва мамлакатҳои дигар садди чиддӣ гузошта имконияти

ҳаргуна алока ва робитаро бо онҳо бархам занад. Вай бо намояндагони дипломатии Англия ва Русия низоъталабона муомила мекард. Полковник Стоддарт, ки дар соли 1838 бо супоришҳои дипломатӣ аз Англия омада буд, баъди ду рӯзи якӯм бор ба амир манзур шуданаш дастгир карда шуда ба зиндон андохта шуд. Дар он чо ба вай кину азобҳои сахт доданд ва нас аз азобҳои чорсолаи токатшикан вайро бо ҳамроҳии инглиси дигар Конолли ба қатл расониданд. Назар ба қавли Вамбери кӯшишҳои хукумати Англия, султони Туркия ва машҳуртарин намояндагони рӯҳониёни Макка, шохи Эрон ва сафири рус барои халос кардани Стоддарт ва Конолли натича набахшиданд. Мустабиди чоҳил ва мағрури шарқӣ Насрулло ҳеч хаёл намекард, ки бо сиёсати хилофи шароит ва низоъталабонаи худ соати ногузирона зер карда даромадани ачнабиёнро ба мамлакате, ки аз чабру зулми худаш дар нолидан буд, тез мекунад“[1]).

Ҳамин кӯтоҳандеши ва сиёсатнофаҳмиро амир Музаффар ҳам аз падари худ ба мерос гирифта буд. Ахмади Дониш ягона шахсе аз бухориён аст, ки нигуна сиёсати хукумати Бухороро сахт танқид карда, барои давлати Бухоро хатарнок будан ва ба сари вай балохо овардани онро таъкид намудааст. Вай дар „Рисола“-и номбаршудаи худ вокиаи зеринро нақл мекунад. Чанд мох пештар аз хучуми Русияи подшохи ба Бухоро якчанд савдогарони рус меоянд. Хукумати Бухоро онхоро чосус гӯён ба ҳабс мегирад. Хукумати Александ-

---

1) Худи ҳамон асари Б. Ғафуров ва И. Прохоров, сах. 145.

ри II барои гуфтугӯ кардан бо амир Музаффар дар бораи озод намудани савдогарони бегуноҳ Козимбек ном шарқшиносро ки дар дарбори подшоҳи рус ба сифати тарҷумонӣ хизмат мекард, ба Бухоро мефиристонад. Амир ин намояндаи расмиро ҳам ҳабс карда, ба зиндон мепартояд. Онгоҳ ҳукумати подшоҳӣ ба тариқи тадбири чавобӣ ба ҳукуматдорони Оренбург фармон медиҳад, ки ҳамаи савдогарони бухороии дар он ҷо бударо ба ҳабс гиранд. Пас аз ин амир маҷбуран савдогарони рус ва Козимбекро аз ҳабс озод мекунад.

Чизе ки Аҳмади Дониш баъди ин ба мо хабар медиҳад, ҷолиби диққат аст. Козимбек дар вақти бозгашт ба Петербург се чизро ба тариқи ҳадья ба подшоҳи рус мебарад: „як офтобаи сафоли шикаста, дигар кошуки ошхӯрии нимсӯхта, дигар шамъдони сафоли шикаста". Вай ин чизҳоро ба пеши подшоҳ гузошта гуфтааст: „ин обдасти подшоҳи бухорост, ки бадон таҳорат мекунад, ва ин асбобе ки бадон таом тановул мекунад, ва ин матое ки шаб бар он чароғ ниҳад. Ва асбобу ашьё, ки салотини турк бадон таҷаммул ва зинат кунанд, ҳама азони туст,—масалан аз читу суф ва оҳану биринҷӣ ва нукраву тилло ва қанду набот ва ғайра ки агар ин ашьё аз эшон (яъне аз амирон) манъ шавад, ҷамъе бошанд, ки пойандози эшон чорук ва саранҷози эшон се газ пашмина бошад, ва ҷома ҳамон ресмони дурушт, ки аз он канор ва ҷувол кунанд... ҷамъе бодиянишинанд, дар сари ҳар ҷамъе ҳоким аст ба тағаллуб ё ба ирс (ба зӯрӣ ё ба тариқи мерос), ки ҳеҷ кадом аз аҳли давлат наанд ва замини эшон низ дохили давлатҳо нест ва ҳар кадом даъвои ламиалмулкальяъм (подшоҳи замину

замон) мезананд ва аз олам хабар надоранд, ба таври худ касонро ҳабсу қайд мекунанд ва молашро ба мусодира ва ғазаб молик мешаванд ва эътикод надоранд, ки ғайри замини эшон замине бошад ё ба чуз эшон дар замин подшоҳе ҳаст. Забти ин замин аз лавозими аҳамми (вазифаи муҳимми) давлатист ки дар он арсаи замин ки такрибан 20 дарача тул дорад ва 14 дарача арз, ашхоси касираи (одамҳои бисьёри) берун аз ҳадду шумор мутавотинанд (истиқомат мекунанд). Замини эшон ҳама обшори муштамил бар гулу гулзор ва мӯҳтавӣ бар анвои фавокеҳ ва асмор (мева ва самараҳо), гӯй фарти маъмураи (ободтарин ҷои) олам аст ва солҳост ки ҳамчун Америка аз назари ҳамаи ҷаҳониён пӯшидааст ва ҳама чибол ва тилоли (кӯҳу теппаҳои) ин замин ҷавоҳирбахш аст, ва тавон гуфт ки дар рубъи шимолӣ ва ҷанубӣ мисли ин замини ободу хуррам ва хушҳаво набошад... ва ҳоли вазири эшон чунин аст ва амири эшон чунон, ва асбоби эшон ин... Миқдори дах ҳазор аскар аз барои тасхири ин мамлакат кофӣ ва басандааст..."

Козимбек дар ҳақиқат он хадьяҳоро ба Петербург бурда ва ба ин мазмун суханҳо ба подшоҳ гуфта бошад ё не, мо намедонем: мумкин аст ки ин вокиа қисман рост ҳам бошад: Аҳмади Дониш метавонист нақли онро аз худи Козимбек шунавад (вай баъдҳо дар вакти ба Петербург рафтанаш бо Козимбек вохӯрда сӯҳбатҳо кардааст). Аҳмади Дониш бо забони Козимбек бешубҳа фикру акидахои худашро дар бораи мамлакат ва ҳокимони вай баён мекунад. Мо мебинем ки вай боигарии мамлакатро, дар баробари ин бенихоят акибмонда будани вайро, худсарӣ, истибдод ва бела-

ёкатии ҳокимони вайро хуб мефаҳмидааст. Диққат кунед, ки вай табиати хуррами ин сарзаминро чигуна таъриф ва тавсиф мекунад. Дили бузурги ин одам аз муҳаббати ватан ва диёри азиз пур буд, ва он дил ба рӯзгори талх ва толеи сиёҳи ватан месӯхт, хун мешуд.

Боз як мисоли нодонӣ ва аблаҳии амир Музаффар вокиаи кушта шудани Шоҳрух мирзо мебошад. Шоҳрух аз шоҳзодагони Эрон ва хеши Носириддиншоҳ буд. Вақте ки Носиридлин ба тахти шоҳӣ нишаст, Шоҳрух дар натиҷаи муборизаи хонадонӣ аз тарси он ки мабодо ба вай ва авлоди вай аз шоҳи нав зарар расад, ҷалои ватан карда ба Бухоро омада буд. Дар хизмати амир Насрулло вай то мансаби тӯпчибошигӣ (сарфармондеҳи лашкар) расида буд. Амир Музаффар бо иғвои баъзе саркардагон вайро ҳабс карда ба зиндон меандозад. Ин вокиа дар ҳамон вақте ки савдогарони рус ва Козимбек дар ҳабс буданд, рӯй дода буд. Барои халос кардани вай Мирзо Яъқуб ном касе аз Теҳрон, аз ҷониби шоҳи Эрон ба Бухоро меояд. Вале хукумати амир на факат Шоҳрухро озод намекунад, балки намояндаи расмии шоҳи Эронро хам ба ҳабс мегирад. Мирзо Яъқуб бо ҳамроҳии савдогарони рус ва Козимбек базӯр аз зиндони амир халос шуда ба ватани худ гашта меравад. Баъди андак муддат амир Шоҳрухро бо ҳамроҳии бародараш Хасанхон ба қатл мерасонад*).

*) Дар аввал бахшнои ба ҳабс гирифта шудани Шоҳрух ин будааст, ки вай дар Бухоро ба худ як хонаи ойнабанд ба услуби эронӣ бино мекунад. Баъзе аз уламо ба амир мерасонанд ки фалонӣ қоидаи дину шариатро вайрон карда, хонаашро ойнабанд кард. Амир ба ҳабс ва бадар ға кардани Шоҳрух ва вайрон намудани хонаи ӯ фармон медиҳад.

Аз мазмуни гуфтугӯи Мирзо Яъқуб бо ҳукумати амир маълум мешавад, ки вай боз дигар супоришҳои дипломатӣ ҳам доштааст. Назар ба гуфти Аҳмади Донишманд (ки ҳамчун надими амир Музаффар аз корҳои дарбори вай огоҳ буд, бинобар ин шоҳиди эҳтиборнок аст), Мирзо Яъқуб ба ҳукумати Бухоро чунин шартҳо пешниҳод кардааст: 1) Шоҳрух озод карда шавад ки вай „аз устухони шоҳони каён аст", 2) бардафурӯшӣ аз фуқарои Эрон бардошта шавад (яъне фуқарои Эронро ғулом карда нафурӯшанд); 3) туркманҳо саришта карда шаванд ки ба хоки Эрон ғуломтозӣ накунанд (аз он ҷо мардумро барои фурӯш бандӣ карда наёваранд)*). Агар ин шартҳо қабул шаванд, мегӯяд Мирзо

---

*) Дар он вақт гурӯҳҳои хурди така-туркманҳои роҳзан, ҷамъ кариби 15 хазор нафар, аз биёбонҳои Қарокум ба хоки Хуросон (Эрони шимоли шарқӣ ва Афғонистони шимолӣ) ғуломтозӣ мекарданд. Онҳо дахшати роҳҳои корвонгард шуда буданд. Аз тарси онҳо мусофирон ва савдогарон камтар аз 1500—2000 кас ба роҳ намебаромаданд. Ҷи нав ахлоқи мардуми зани он тарафҳоро бандӣ карда овврда дар Мовароуннаҳр ба ғуломӣ фурӯхтани туркманҳои ғуломтоз дар романи устод С. Айни „Ғуломон" тасвир карда шудааст. Дар Бухоро корвонсарои махсуси ғуломфурӯшӣ буд, ки аз 30 зиёдтар ҳуҷра дошт, дар ҳар кадоми он ҳуҷраҳо гала-гала ғуломони марду занро то ба фурӯш расиданашон нигоҳ медоштанд. Шарқшинос ва сайёҳи венгерӣ Г. Вамбери ки дар замони амир Музаффар ба Бухоро омада буд, дар „Сайёҳати Осиёи Миёна" ном асари худаш чунин менависад: „Ғулом дар вақти фурӯш ба бозор андохта аз назар гузаронида мешавад; фурӯшанда бояд ба бозор андохта аз назар гузаронида мешавад; фурӯшанда бояд кафил шавад, ки ғулом айбҳои ахлоқӣ ва ҷисмонӣ надорад. Барои худи ғулом хушбахттар аз он даме ки вай аз дасти ғуломфурӯш

Яъқуб, онгоҳ шохи Эрон мутасаддӣ мешавад, ки Русияи подшоҳиро аз ҳуҷум кардан ба Мовароуннаҳр нигоҳ дорад.

Аз ин ҷо хонанда мумкин аст гумон кунад, ки амир Музаффар бояд аз нияти ҳуҷумоварӣ ва истилогарии Русияи подшоҳӣ пай бурда, ба хукумати Эрон муроҷиат намуда аз вай ёрӣ талабида бошад, набошад ба ивази ваъдаи монеъшавӣ ба ҳуҷуми хукумати подшоҳӣ, шартҳои зикр ёфтаро ба пеши амир мондани шохи Эрон чӣ маънӣ дорад? Аммо дар ҳақиқат кор ин тавр намебошад. Амир аз хукумати Эрон ёрӣ талаб карда наметавонист, чунки аввалан дар натиҷаи ҷангу юришҳои ғоратгаронаи амирони Бухоро ба хоки Эрон, муносибати ин ҳарду мамлакат бе‌андоза бад шуда буд ва амир Эрони шоҳиро ҳакдорона душмани худ хисоб мекард; сониян—чи тавре ки мо дар поёнтар хоҳем дид, амири феодалӣ Музаффари ҷохил ва нодон хатари таҳлуканоки ба сари давлати худаш омадаро асло намефаҳмид ва ӯ хеле дур буд аз он ки дар мукобили хавфи хуҷуми Русияи подшоҳӣ бо дигар давлатҳои ҳамсоя иттифок кунад. Хукумати Эрон ба муносибати хавфи хуҷуми

халос мешавад, нест, зеро ки вай дар хонаи сохиби наваш хар чи-гуна муомилаи сахт бикад хам, ин боз бехтар аз он аст, ки хамчун чиз ва матоъ дар бозор савдо карда шавад.

„ Дар вакти хозира нархи баланди одами колонсол аз 40 то 50 тилло (аз 21 то 36 фунт стерлинги англисӣ) мебошад, аммо нас аз ҳалба ки 18 хазор нафар эрони асир гирифта шуда буд, одамро ба 3 ё 4 тилло харидан мумкин буд".

Русияи подшоҳӣ душвор ва ночор гардидани ҳоли хонии Бухороро дида, мехост ки аз ин вазъият истифода бурда амирро ба гузаштдиҳӣ мачбур намояд. Агар ба навиштаи Аҳмади Дониш бовар кунем, Носириддиншоҳ аз ноҳақ кушта шудани Шоҳрух ба подшоҳи Русия шикоят бурда, ба амир ва ҳукумати ӯ ҷазо доданро ҳам талаб карда будааст.

Аҳмади Дониш дар бораи амир Насрулло чунин менависад*):

„... Касро на аз сипоҳ ва на аз уламо мачоли он набуд, ки ҳақиқати шаръиро ба подшоҳ арз кунад. Ҳар чиз ки мувофиқи раъйи худ писандид, онро ба зӯъми худ шариат дониста бе ибо амал менамуд, ва он чизро ки хилофи раъйи худ медид, онро хилофи шариат медонист. Ва дар он умури номашруъи худ (корҳои ба шариат хилофи худ) боз аз уламо талаби фатво мекард. Кадоме ки мувофиқи шаръ ва мухолифи раъйи ӯ фатво дихад, ба андак замоне ба ранге ҷиноятро ба ӯ нисбат дода ба мусодираи амвол ва амлоки ӯ ва ихроҷ (бадарға) кардани ӯ амр мекард. Чунон ки ҳоло тақрибан ба сад ҳавлии хурди подшоҳӣ ки дар Бухорост, тамоми он... мулки маврусии онҳо ки аз тарафи амир зулман ахз (азхуд) кардагӣ аст...“

Баъд Аҳмади Дониш уламоҳои бевичдонеро ки зулм

---

*) Мо мачбурем, ки дар ин очерк аз навиштаҳои Аҳмади Дониш иктибоси бисьёр ва гохо порчахои калон дарч кунем, зеро ки — афсӯс аз асархои вай то хол кариб хеч чиз чоп карда нашудааст, бинобар ин онхо холи хозир ба омман хонандагон дастрас намебошанд.

ва ғорати амирро „дуруст ва мувофиқи шариат аст“ гуфта фатво медоданд, танқид мекунад ва менависад:

„Ва баъзе аз уламои ҳақношинос манфиати ҳозираро мадди назар карда: „молу мулки фуқаро ҳамагӣ азони подшоҳ аст, раоё (раия)ро моликият ба шай нест, агар ҳар чиз подшоҳ аз ҳар раияи худ ситонида гирад, тасарруф дар мулки худ кардагӣ мебошад, зачр ва зулм нест“ гуфта фатво ҳам дода буданд“.

Амир Насрулло ва амир Музаффар бо хону бекҳои майдаи Осиёи Миёна ҷангҳои пай дар пай карданд. Дар аксари он ҷангҳо будани ягон зарурият ё мақсадҳои давлатӣ маълум набуд, ва ба онҳо ҳамчун ҷангҳое, ки барои барҳам додани қуввахои марказгурезӣ ва ташкили як давлати марказӣ бурда мешаванд, нигоҳ кардан ғалат мешуд. Амирони мустаббиди Бухоро аз фаҳмидани ин тарика вазифаҳои таърихӣ ва давлатӣ хеле дур буданд. Онҳо ҷангҳои мазкурро асосан барои манфиатхои шахсии худ ва хонадони худ мебурданд. Ҷангҳое ки онҳо бо ҳамсоягони худ мекарданд, ҷангҳои ғоратгарӣ буданд, ки бо камоли ваҳшигӣ бурда мешуданд.

Амир Музаффар арзандаи падари худ буд, яъне чи андоза, ба қавли Аҳмад махдум „саффок ва беақл“ бошад, хамон андоза золим ва хунхор буд. Вай ба заминҳои шарқии Бухоро лашкар кашида Хисор, Кӯлоб ва Каротегинро зер карда гирифт. Тоҷикони озодидӯсти ин тарафхо ба ғосибони ғоратгар мукобилияти мардонавор нишон доданд. Амир исъёнхои онҳоро берахмона зер карда ғарқи хун гардонид. Пас аз зер кардани шӯриши дар вилояти Хисор рӯйдода вай 1000 нафар дехкон ва косиби бегунохро бандӣ карда ба Ха-

ит ном ҷаллоди худ супурд ва фармон дод, ки дар як рӯз сари ҳамаи онҳоро гирад. Ҳаит то бегохи рӯз онҳоро кушта тамом карда натавонист: ба фуруӯ рафтани офтоб ягон соат монда буд, аммо аз бандиён ҳанӯз 400 кас зинда буд. Музаффар ба Ҳаит амр кард, ки ҳамаи инҳоро дар байни як соат кушта тамом кун, набошад сари худатро мегирам. Вакте ки ҷаллод бо шитоб ва саросемагӣ онҳоро бисмил мекард, Музаффар аз тамошои он ҳангомаи хунини бемисол лаззат мебурд.

Ҳазорон одамони бегуноҳ дар „обхона“ ва „канахона“ҳои зиндони Бухоро маҳв мешуданд, зинда-зинда мепӯсиданд. „Чун маҳбасҳо аз банди пур мешуд,—менависад Ахмади Дониш,—бароварда рама-рама ба қатл мерасониданд“.

Ҳаёти шахсии амирони манғит хаёти чорпоёна, пур аз бемазагӣ ва фисқу фуҷур буд. Корҳои давлатӣ маъмал, ариза ва шикоятҳо нодида, мансабдорон рӯзҳо ва ҳафтаҳо мунтазири қабул ва дар „даргоҳи олӣ“ саргардон, мулк тороҷ, зироат хароб ва деҳ вайрон, фуқаро дар азоб, амир бошад „машғули фароғат“ бӯд. Ахмади Дониш дар як ҷои „Рисола“аш ахвол ва гузарони амир Музафарро чунин тасвир мекунад:

„МУОМИЛОТИ АМИР ДАР ХАЗАР

„... Шабҳо то субҳ ба фасоду фиск эҳьё кунад. Як ҷамоа раққосони амрад ва як ҷамоа раққосони зан баъд аз ашо ба ҳарамсароӣ назди кадбонуҳои хоса даровар-

да... дар саҳни ӯрда ба рақс ва суруд дароянд, ки тарҷеъ-б анди он: „ҳазрат саломат бошанд“ бошад... Чун субҳ қариб ояд, амир ҳамроҳи ду-се нафар амради хоболудаи бетаҳорат намози хуфтан бигузорад. Баъд аз адои ашо бифармояд то азони фаҷрро гӯянд, ва ҳол он ки то азо-ни фаҷр ва субҳи содиқ 45 дақиқа ва як соат монда бошад. Алалфавр бомдодро бихонад ва бихуспад (бихо-бад) то соати даҳӯми рӯз. Онгоҳ ба халоҷой равад ва худро холӣ кунад ва дасте бишӯяд, пас ба ойна-ву шона ва сурмаю ғоза хешро бипардозад то ним соат. Пас барояд барои салом гирифтани хизматгорон...

„...Пас амир бадин бенасақи саломе баргирад ва ар-заи дарбор биталабад ва нигоҳе кунад. Ва надонад, ки дар он арза чӣ муддао навиштаанд. Ва ҳамчунон ба мунши ва муширифи фиристад. Онҳо боз дубора арза ку-нанд, ки фалонӣ ин гуфта ва ин хоста, умеди табаррук-нома карда. Агар маъзун шаванд (иҷозат гиранд), хате бинависанд, ваилло ҳамчунон он муҳим маътал бошад.

„Масалан аз Ғиждувон аз асаси (полицияи) он ҷо ар-за ояд, ки имшаб фалон, фалон, фалон ба ҳавли фалонӣ даромада ин миқдор амволро (молҳоро) бардош-та, ду-се нафар касро ба қатл оварда; соҳиби ҳавлӣ ба мо хабар овард, чун маъзун набудем, ба гирифтани онҳо тараддуд накардем, дар ин боб мархамати олӣ чӣ мешавад, ки агар ин харомиён дар ин саҳар бигре-занд, ба даст овардани онҳо душвор мебошад“. Агар амир бедор бошад, назди нисфи офтоб берун ояд, ва агар дар хоб бошад, намози аср ё пагоҳи дигар берун ояд. Хулоса баъд аз ду рӯз ба тараддуд ва тафаҳҳуси (ҷустуҷӯи) қотили дузд амру фармони амир содир ша-

вад, ки дар он ҳангом дузд ба Хоразм рафта расида бошад.

„Пас аз инқизои ин маҷлис нудамо (надимон—ҳамсӯҳбатон) ва маҷлисиёнро биталабад ва бо эшон камтар фӯҳш гӯяд. Дар ин асно наҳории чоштӣ карда бошад ва аз муҷоҳибон кайфияти ҷ... шабонаи онҳоро тафтиш кунад ва чигунагии ҷ... сутурон (аспон) ро пурсад, то вақте ки таом дар меъда бухор кунад ва... бичумбад, саросема бархезад ва ба ӯрда равад ва ба ҷамъе аз занони манкуҳа ва ғайриманкуҳа мубошир шавад, то эҳтиёҷ ба ҳаммом афтад, ва баъд аз фароғи истеҳмом (ҳаммом кардан) даллок биталабад ва ба хоб равад чи миқдор ки хоҳад. Пас бархезад ва ба маҷлис ояд ва нудаморо биталабад ва боз таоми зӯҳрӣ (бегоҳӣ) биёваранд, то ҳазм ва касри он фӯҳшӣ ва лағв бигӯяд, то вақте ки боз табиат тақозои мубошират кунад. Алалфавр боз ба ӯрда равад...“

Аҳволи сафари амирро Аҳмад махдум чунин тасвир мекунад:

„САФАРИ АМИР

„...Ҳафта ногузашта майл ба саҳро кунад. Ва ҳамчунин одамони вазир ба... каший маъмур бошанд, ароба-арода зан ба саҳро баранд ва биёваранд. Ва соат ба соат асп медавонанд ба истеъҷол (аҷала ва шитоб), то гумон барӣ ки ин одамон барои хеле кори зарур тараддуд доранд. Чун тафтиш кунӣ, барои як фулус оҳак ва зарних ки ба ҷиҳати тоза кардани... бону даркор шудааст. Чун амир ба саҳро бошад, миқдори се ҳазор аскар дар рикоби ӯ ҳамроҳ бошанд ва дар соҳате аз заминҳои

фукаро хайма ва чодир зада бисьёрии аз мазореъ (кишт-зорҳо)-ро хароб гардонанд...

„... Ҳамеша ҷамъе аз амрадон болои лою барф рақсу самоъ кунанд ва сару... бичунбонанд ки ҳама касро ба ҳоли онҳо раҳм ояд...

„... Аз фукаро ва раия низ агар касе арз дорад ва рафъи эҳтиёче бояд ки аз шаҳр берун равад, дар гармо ва сармо аз се рӯз то понздаҳ рӯз интизорӣ барад. Боз маълум нест, ки рафъи махом (корашро буд) тавон кард ё на,—бадон сабаб ки аввалан арзи ӯро маҳрамия ва пешхизматон, аз тарси он ки мабодо малол ояд, манзур натавонанд кард, ва агар карданд, ҷавобе мувофики арз аз забони муборак наёяд...

„... Хулоса агар арза аз ҷиҳати об бошад, вақте ки оби дарьё хушк шуд ва мазраа (зироат) аз обу тоб гузашт, хукми он аз пешгохи салтанат берун ояд. Пас муддай ин хатро бубарад ва ба чӯе сардиҳад ё ба бод бардиҳад... ва хол он ки дар ин хат бист драм ва сӣ драм бемавқеъ сарф шуда бошад.

„Аммо агар арз аз ҷиҳати масхарагӣ ва дафкашӣ ва к... бошад, алалфавр аризаи ӯро манзур кунанд... ва ин арз бемалол бошад ва мувофики мароми амир бувад.

„Тарики сафар ин ки пеш аз баромадани қӯшун уштур ва аробаи боркаши фукароро ба ғазаб ва хукму зулм баргиранд ва бозд орад. Аз ин чо маълум шавад, ки амир сафар дорад. Чанд рӯз ғаллаву матоъ дар шаҳр наёяд, ки ачнос (молхо) якбора ба эътибори нарх баланд шавад ва фиғону нафир аз беваю бечора барояд. Орандагони матоъ ва ғалла чун бишнаванд, ки

амир дар шахр шутур мегирад, ҳама аҳмол (борҳо) ро ҷо барҷо партофта бигрезанд, ваҷҳ он ки ҳар шутур ки ба кирои аскария афтад, аз ҷабр бимирад ва ҳар аробае ки ба дасти онҳо биафтад, бишкананд ва бисӯзонанд ва аспи он аз лоғарӣ ҳалок шавад...“

Амир гоҳ-гоҳе Аҳмад махдумро дар рикоби худ ба сафар мебурд. Вай аҳволи яке аз ин сафарҳоро ва саргузашти худро дар он сафар чунин тасвир мекунад:

„... навбате муҳаррири сутур (нависандаи ин сатрҳо) низ дар ин сафари номуборак ҳампо буд, ки зимистон наздик омада ва муддати сафар низ аз се моҳ мутаҷовиз (гузашта) буд...

„Намози иди фитрро дар хуттаи шаҳри Кеш гузордем. Дар ин асно хабари фавти (мурдани) вазир расид. Дилхуш шудем, ки акнун хоҳ-махоҳ амир дар шахр муроҷиат кунад. Ман аз камоли фароҳат (хурсандӣ) таърихе дар фавти вазир гуфтам, ки:

Шаҳ-Муҳаммад вазири кушбегӣ
Бурд аз давлати Бухор шукӯҳ.
Аз ситам чок шуд гиребонҳо,
Ҷайби пироҳане накард руфӯх.
Буд бемор то ҳаёташ буд,
Рафт дар нор бо ҳазор андӯх
Рӯзи маргаш суруши олами гайб
Соли таърих гуфт: “Зангар г...“ *)

Ва ин таърихро дар мачмаи фузало (байни фозилон) аз истикоматиёни дарбори амир хондам...

---

*) *Моддаи таърих „зангар г...“* аст ки агар ба хисоби абҷал хисоб кунем, соли 1288 хичрӣ (1872—1873 милодӣ) мебарояд. Маълум мешавад, ки ин сафар дар хамон сол вокеъ шуда будааст.

„...Баъд аз таҳкики марги вазир амир аз Шаҳрисабз мурочиат намуда ба Қаршӣ омада микдори понздаҳ рӯз таваққуф намуд (истод) бедахл ки мардум дар интизории ватан чон медоданд... Сармо ва соика ва барфи шадид меборид, амир аз Қаршӣ баромада азимати Бухоро мусаммим намуда, дар он шаб аз вуфури (зӯрии) боду соика ва борону барф аксари чодаҳо (роҳҳо) аз назар пӯшида шуда, бисьёр касон дар дашт аз роҳ баромада ба халок расидаанд. То дар манзили аввал Хоча Муборак 30 нафар аз сарбози пиёда берох гашта мурда, мурдаи онхоро овардаид. Худи ин ҳақир низ ҳамрохи рафикон ба чон тарсида ба киёсу шавоҳид роҳ гум нокарда ба манзил расидем. Микдори ду соат барои куш ва манзил мутараддид будем. Ба ҳар чо мерафтем аз саройҳо ва ҳавлиҳо, сарбозони фаромада мегуфтанд: „ин чои фалон даҳбошӣ ва фалон юзбошӣ аст, ҳамин замон меояд“. Хеч касро нузул кардан (даромадан) наменомонданд. Баъзе аз руфако (рафикон) бо эшон дасту гиребон мешуданд. Ман худро канора мегирифтам ва амирро дуо мекардам, ки „чаҳонгир шаванд“, то наздики сахар нонфурӯше ба холи мо рикқат оварда бурда ба хавлие нишон дод аз деха берун. Рафта нузул намудем... дар хонаи тангтар аз кабри вазир ва сиёхтар аз бахти амир он шабро ба рӯз овардем.

„Алассабоҳ (вакти субх) аспҳои худро аз тахти кулахон барф ёфта аммирро дуо гуфта савориӣ намудем. Ман аз яке аз руфако ки зарофат дошт (нуктафаҳм буд), пурсидам ки: „агар дар явмулҳисоб (киёмат) аз амир пурсанд ки: „дар он рӯз ки аз Шаҳрисабз баромадӣ, ҳаво хуш буд, чаро ба ҳамон саворӣ Бухоро нарафтӣ ки аскарияи ту ба осудагӣ ба манзил мера-

сиданд, ва дар хине ки асари кахрамонии казо бар замин нозил буд (яъне барфу шамол буд), баромада халки моро ба талаф ва зиён доди? Амир дар ин савол чй чавоб оварад?" Гуфт: „Мегуяд ки чунин буд, лекин ман дар Карши даромадам ва Мухаммадин гуломро куш-бегй кардам ва ба писараш закоти савоимро додам ва фалонро козй кардам ва фалонро раис, бинобар ин дар хурўчи ба тарафи Бухоро таъвик афтод (дер кашид)". Гуфтам: „Агар гўянд: эй золим, ин г... ки дар Карши хўрдй, агар дар Бухоро мехўрдй, чй истихола дошт? Гуфт: „Мегуяд ин ки ман донаму ту надонй". Гуфтам: „Агар гўянд ки: ин кадар ки беакли, барои чи машварат намекунй?". Гуфт: „Кабул накунад ва моро пеш андозад, ки ин халк маро гумрох ва беакл намуда буданд ба хушомад гуфтани бисьёр". Гуфтам: „Пас мову ту дар он чамъ бошем?" Гуфт: „Ман харгиз кабул накунам, ба сабаби он ки мо азоби худро ба воситаи у кашида бошем".

7

Кушуни Александри II дар соли 1865 Тошкентро мухосира кард. Хатари истилои Русияи подшохй ба-восита ба сархадхои аморати Бухоро омад.

Эхтимол хонанда фикр кунад, ки амири Бухоро ба тараддуди мудофиаи мамлакат афтода буду, барои дафъи хучуми Русияи подшохй чорахо меандешид. Аммо дар хакикат ин тавр набуд. Амир Музаффар тараддуд дошт, лекин на барои мудофиаи мамлакат, балки барои... лашкар кашидан ба болои Хуканд тараддуд дошт.

Ахмади Дониш накл мекунад, ки рўзе аз рўзхо бо коре ба ўрда рафта будам, дидам ки умаро барои маслихат

ба хузури амир ҷамъ мешуданд; баъд аз тамом шудани мачлис яке аз вазирон берун омад, ман аз вай гапҳои дар мачлис шударо пурсидам, вай ҷавоб дод, ки баъзе аз умаро ба ёрии мусулмонони Тошкент рафтанро маслиҳат доданд, вале амир розй нашуд ва гуфт, ки „он саркардае ки дар Тошкент зафар ёфтааст, як нафар навкари подшоҳи рус аст, маро ор ва нанг меояд ки ба як навкари ў мукобил шавам. Ман агар саворй кунам, рост ба болои Маскав меравам".

Амир Музаффар дар хакикат ба болои Хўканд лашкар кашид. Монанди харвакта, сарбозони вай шахру кишлокхои Фарғонаро ғорат карданд, бисьёр мардуми бегунохи он кишварро заданд, куштанд, асир карданд, номуси бисьёр оилахоро барбод доданд. Нафрат ва газаби ахолй нисбат ба Музаффари золими яғмогар то чое расида буд, ки пас аз баргаштани вай онхо шўриш карда, гарнизонҳои аз тарафи вай гузошташударо кир карданд.

Кўшуни рус дар июни соли 1866 Тошкентро гирифта, ба тарафи Чиззах ва Самарканд, ки дар каламрави аморати Бухоро буданд, харакат кард. Бухоронён Чиззахро садди Бухоро ва дарвозаи Самарканд хисоб мекарданд. Дар миёни уламо ва муллоёни Бухоро шўру гавго хест. Онхо ба гарданҳошон фўта андохта ва ба дастҳошон куръон гирифта, дар кўчаҳои шахр намоиш карда мардумро ба ғазот ва чиход даъват менамуданд. Амир новлоч ба оростани лашкар ва ҳозир намудани асбобу анчоми харб сар кард. Дар Чиззах истеҳкомҳо созонда як миқдор сарбозонро дар зери фармондихии Яъкуб кушбеги ном саркардае ба он чо

равона кард. Ин саркарда, менависад Аҳмад махдум, „дар умри худ овози туфангро нашунида ва ҳеҷ маъракаи муборизонро надида буд“.

Туркистон яке аз акибмондатарин мамлакатҳои дуньё буд; амирон ва хонҳои беандеша бо ҳамроҳии рӯҳониёни ҷаҳолатпеша дар арзи садҳо сол мамлакатро ба ҳолати пасмондаи асримиёнаги нигоҳ дошта меомаданд. Бухоро зулматкадаи дини ва ҷоҳилистони исломӣ буд. Хоҷагӣ ва иқтисоди мамлакат, воситаҳои техникавии ҷанг дар замони Чингиз ба чи ҳолате ки бошанд, дар ҳамон ҳолат монда буданд. Бинобар ин усулҳои сафорой ва муҳориба ҳам ҳеҷ такмил наёфта ва ба асри XIX номувофиқ буданд.

Дар мукобили кӯшуни хуб таълимдида ва бо яроқи оташфишон мусаллаҳшудаи рус лашкари Бухоро издиҳоми кӯпкоритозонро ба хотир меовард; милтиқ дар байни сарбозони амир айҳон-айҳон дида мешуд; иддае бо тиру камон ва сипар, қисме бо шамшер ва ханҷар, дигарҳо бо чӯбу таёқ мусаллаҳ шуда буданд. Он ҳама шавкат ва дағдағае, ки амир Музаффар дар мубориза ба мукобили хону бекҳои майда ва аҳолии беяроки Шаҳрисабз, Ҳисор, Каротегин ва Хӯқанд нишон медод, акнун бо кӯшуни рус рӯ ба рӯ шудан ҳамоно барбод рафт ба тавре ки ҳеҷ нишонае аз он боқӣ намонд.

Ҳар чанд ки шумораи лашкари амир назар ба кӯшуни подшоҳӣ даҳҳо бор зиёд буд, вай дар ҷанги наздики Ҷиззах ба куллӣ шикаст хӯрд. Вай бо он тартибу низом, дурусташ бетартибӣ ва бенизомӣ, бо он саркардагони белаёқат ва бо он аслиҳае ки дошт, шикаст нахӯрда ҳам наметавонист.

Ахмади Дониш ҳамаср ва шоҳиди он воқеаҳои бузурги таърихӣ аст, вай ба мо дар бораи равиши ҷанг, аҳволи лашкари амир, авзои акибгоҳи вай, кайфияти рӯҳии халқ ва муносибати вай ба ҷанг, инчунин дар бораи арбобҳои замон ва сарлашкарҳои амир маълумотҳои қиматнок медиҳад. Агар навиштаҳои Ахмади Дониш намешуд, бисьёр тарафҳо ва тафсилоти муҳорибаи байни Русияи подшоҳӣ ва хониҳои Осиёи Миёна ба мо номаълум ва норавшан мемонданд. Таърихшиносоне ки даврани истилои Русияи подшоҳӣ Осиёи Миёнаро тадқиқ кардаанд, аз асарҳои Ахмади Дониш ки маъхази қиматнок аст, ҳеҷ истифода набурдаанд (сабаби муҳимми ин он аст, ки асарҳои вай камьёбанд ва чоп карда нашудаанд).

„Ғозиёни" бухорой чи тавр ҷанг карданд ва „сипахсолори" онҳо Музаффар ба онҳо чигуна фармондиҳӣ кард? Баёни ин вокиаро бехтар аст, ки аз шоҳиди мумтоз Ахмади Дониш шунавем. Тасвири ӯ равиши ҷангро зоҳиран ҳаҷвӣ ва ханлаовар аст, аммо дар ин ханлаи вай ашкҳои алам ва ҳасрат—алам ва ҳасрат аз акибмондагии диёр, алам ва хасрат аз бадбахтӣ ва кулфатҳои дар натичаи он ба сари халқ омадагӣ,—намоён аст.

Амир Музаффар „бо аскари фаровон саросема аз шаҳр баромада миқдори сиву шаш адад тӯп ва чанд шутур кӯрхона кашида баромаданд,—менависад Ахмади Дониш.—Вакте ки мукобили душман мешуданд, ҳанӯз дору ва фашангу кулӯла дар Бухоро буд ва ҳама асбоб нокису нотамом. Ва дорои милтик ба наҳҷӣ часпон ки як ташт оташ даркор то ӯ шӯъла диҳад бе озоз. Баъд аз баромадани аскар нафири ом дар шаҳр афтод, ки ба газовот бероӣ оянд, ва ба дари ҳар хона чӯбакзан ки:

„зуд бароед!“. Мардуми шаҳр ки гоҳе овози тӯпу туфанг-ро нашунида буданд ва ба маъракаи корзор нарасида,— гумон мекарданд ки ғазовот низ чунин маъракаи гӯш-тингирӣ будагист ё майдони пойгатозӣ бошад. Ҳар кадом чӯбе се газ бардоштанд ва баъзе ба сари он чӯб мик-доре аз оҳан ҳалқа баста, то агар хасм чӯбе андозад, онҳо низ он чӯб ба сари ӯ фурӯд оранд. Эй турфа сахт замонаи ачибе буд!

Уламо ба фарзияти ҷиҳод нафир мекашиданд (яъне чиҳод фарз аст гуфта дод мезаданд), ва намедонистанд, ки ин ғазовот кучо фарз шудааст... ва ғазо ба чи асбоб тавон кард, ва намепурсиданд, ки ҳоли хаҫм (душман) дар ҷанг чигуна ва силоҳи (аслиҳаи) ӯ чи навъ аст... раия барои муҳофизати аскар пеши ҷанг бошанд, ва дар авкоти амн (дар вақтҳои тинчӣ) аскар хуни раияро бинӯшанду, боз дар вакти ошӯб эшонро (яъне раия-халкро) пеш андозанд? Хеле назми ҷадид (тартиби нав) аст, ки ба ҳеҷ миллат мувофиқат надорад!

„...Аскари зиёда аз идду ҳаср (зиёда аз аддаду ҳисоб) бадин насак ҷамъ шуда, баъзе ба шавк, баъзе ба кирох, аз ҳар табақаи мардум ба нияти ғазо мерафтанд баъзе дахрӯза, баъзе якмоҳа. Ҷаноби амир низ ин ҷамъиятро мулохиза намула ба худ ҷазм кард, ки ба хамин юриш то Петербург пойтахти император фатҳ хохад шуд, чи медид ки тулӯ арзи (каду бари) кӯшуи кариб ба ду фарсах меравад. Намедонист ки:

Пароканда лашкар наёяд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ бех аз сад хазор.

„...Фиредун ва Афросиёбро аз ҷумлаи хавошии ха-шам мешумурд. Дар муддати ду мох камобеш ба ла-

би дарьёи Сир рафта, дар соҳате мусаммӣ ба Сасиққӯл нузул фармуд (фаромад). Ғозиён маъ (ва) аскари ҳумоюн пеш аз он ки ба манзил фурӯд оянд, аз ғазовот пушаймон гашта дар тараддуди гурез ва махлас (халосӣ) афтоданд, чи асбоби нуқсонот (хӯрокворӣ)-ро дар арзи роҳ ба сомон (ба охир) расонида, корашон ба талабу савол оид гардида буд.

„Ва мардуми Русия низ ғофил аз аҳволи хасм ба худ харосида, розӣ буданд, ки мусолиҳа (оштӣ) шавад, чи сатвати (дабдабаи) темурӣ ва шавкати сипоҳи ӯзбек дар дафотири онҳо маркум аст (яъне дар китобҳои онҳо навишта шудааст). Ва боз медиданд, ки сипоҳе ба ададди мӯру малах соҳати даштро фурӯ гирифта меомад, меандешиданд, ки мабодо чашми захме расадашон. Хар чанд касонро барангехтанд (равона карданд) ва нома фиристоданд, маъкули умарои давлати баргаштабахтаи мо нашуд, ё муддаои ӯро нафаҳмиданд ё натавонистанд ба амир маъкул кунанд.

„Чамии аскарияи Русия дар он ҳолот як ҳазору панҷсад то ду ҳазор нафар буданд, ки ҳамчу девори оҳанин меомаданд ва ба хар кадаме ғозиёни аскари мо акибтар меомаданд, ки ба чое касрнок Русияро оварда ба якбораги ихота намуда ба кайду аср (асирӣ) кашанд.

„Ва аз чое ки амир нӯзул фармуда (манзил карда) саропардаи иҷлол дошт (чодири бузургӣ зада буд), то маъракаи китол (чои ҷанг) ним фарсах камобеш буд ки овози нағораи аскария мерасид. Амир дар сояи шомиёна ба лӯъби шатранҷ (бозии шохмот) машғул буд. Чамоае аз кавволон кавл ва ғазал мегуфтанд. Худи амир усули нағораро ба фахзи худ нигох дошта аноан-

фаонан (гоҳ-гоҳ) пешхизматонро мефармуд, ки ба амири тӯпхона Салим бӣ ва амири аскар Шералӣ инок таъин кунанд, ки хазинаи Русия ба дасти навкария афтода талаф нашавад ва бисьёр мардуми Русияро нокушта зинда оранд, ки дар зумраи сарбозони мо истода хизмат кунанд ва низомро ҷорӣ доранд(!).

„Ва дар ҳошияи (канори) лашкар Яхьёхочаи туркман ки мансаби охундӣ дошт... фаши амома (салла) аз ақиби сар андохта сафҳаи басити ариз ба даст бардошта фазоили ҷиҳод ба халқ талқин мекард ки: ҷиҳод кунед! пойдор истед!

„Ба ҳамон юруш Русия омада тӯпҳоро соҳибӣ кард ва ду-се сочма тӯпча ба сӯи ғозиён ҳадья фиристод. Ҳама мунтазири фарор буданд. Якбора фарори баркарор ихтиёр карданд. Аввал касе ки бигрехт ва амома аз сару сафҳа аз даст биандохт, Яҳьёхочаи охунд буд.

„Онгоҳ хабар оварданд ба ҷаноби амир ки лашкар бевафоӣ карданд ва пушт доданд. Амир низ саросема ба болои аспи қантарӣ ва зини холӣ нишаста фурсат наёфт, ки амома бар сар кунад, ё ҷома бипӯшад, ҳамчунон аз сари шатранҷ барҳоста болои зин барнишаст ва асп меронид.

Чун мардуми мо гоҳе ҷанги низомӣ надида буданд ва нашунида, ва баъд аз шунидан бовар намекарданд ва намедонистанд ки кӯшуни зафарьёфта таокуби хасм накунад (душманро пеш намекунад) ва ба худ киёс мекарданд, ба ҳеҷ чиз нигоҳ нокарда, ҳар чи дар сару бар доштанд, ба ҳар ҷо партофта, ба кадом тараф ки рост омад рӯй ниҳоданд, то ки баъзе баргашта ба тарики фарор ба кӯшуни Русия афтода, эшон ба холи

онҳо вуқуф ёфта (яъне аскарони рус аз ҳоли онҳо хабардор шуда) обу озуқа дода гусел намуданд. Баъзе ба дарьё, баъзе ба ҳомун афтода, маблағи касири аз ҳадду ҳаср мутачовиз (адади бисьёри аз ҳадду ҳисоб берун) даруни дарьёву дашти хунхор тўъмаи коми наҳангу паланг гаштанд...

„Дар он гуреза амир фурсати нукзи хочат наёфта, ҳам ба болои зин бавл карда эзорро мулаввас гардонид...“.

Амир Музаффар худро лашкаркаши замон мешумурд ва, ба қавли Аҳмади Дониш, даъвои фиръавнӣ дошт, аммо задухўрди якчанд соата бо қўшуни рус кифоя буд то исбот шавад ки вай тамоман бехунар ва тарсончак аст.

Аҳволи рўҳияи омман халқ чигуна буд? То чи андоза вай хоҳиш дошт ва тайёр буд, ки ба тарафдории амир бичангад?

Асосҳои маълуме ҳаст тасдиқ кунем ки омман асосии халқ ба қўшуни рус мукобилият кардан намехост, вай дар тахи дил сарнагун шудани амир ва режими ўро мехост, чунки аз ҷабру зулми вай ба дод омада буд ва умедвор буд ки дар хокимияти русӣ аҳволи вай сабуктар мешавад. Муомилаи одамонаи қўшуни рус бо асирони харбӣ ва бо аҳолии ҷоҳои фатҳшуда ки Ахмад махмуд ҳам ба ин ишора мекунад, зуд дар байни халқ шўҳрат меёфт ва умедворин дар боло зикршудаи ўро қувват медод.

Дар баъзе ҷоҳо халқ тайёр буд, ки ба зидди амир шўриш кунад. Чунин аҳволи рўҳияи халқро воқиаи Самарқанд ба мо равшан нишон медиҳад. Вақте ки қўшуни рус ба болои Самарқанд меомад, аҳолии он

чо ва талабгони мадрасаҳо „нохост“ шӯриш бардошта ба гарнизони амир ки дар шаҳр буд, ҳуҷум овардand ва онро ба қир кардан даромаданд.

Назар ба шаҳодати Аҳмад махдум, дар байни шӯришчиён занон ҳам будаанд*). Зоҳиран баҳонаи шӯриш— бедодгарии сарлашкар ва хеши амир Шералӣ инок дар ҳаққи аҳолии Самарқанд буд. Вакте ки як қисми самаркандиён бо ташвиқоти уламо ба „ғазот“ мехезанд, сардори гарнизони Самарқанд Шералӣ ба сарбозони худ фармон медиҳад, ки он мардуми ғазоталабро пароканда кунанд ва ҳатто кушанд.

Ин боз ҳам дурустии даъвои моро тасдиқ мекунад: маълум мешавад ки намояндагони ҳукумати амир ҳам аз кайфиятҳои зиддиамирии халқ огоҳ буда, ба вай боварӣ надоштаанд. „Аслан ғазо ин аст ки сунниикуший шавад, то моро осудагӣ даст диҳад“ мегуфтааст Шералӣ инок. Дар охир шурӯш бо мудохилаи умаро ва сипоҳиёни бухорой ки он вакт дар Самарқанд буданд, паст карда мешавад.

Амир Музаффар баъди якчанд шикастҳои сахте ки аз кӯшуни рус хӯрд, окибат дар соли 1868 ба сулҳ бастан бо Русияи подшоҳӣ мачбур шуд. Водии Зарафшон бо шаҳрҳои Самарқанд ва Каттакӯрғон, инчунин Чиззах ва Ӯротеппа ба дасти Русия гузаштанд. Амири Бухоро, хонҳои Хӯқанд ва Хева вассалҳои подшоҳи рус шуда монданд. „Осиёи Миёна объекти истисмори мустам-

---

*) „...фукарои Самарқанд... ба химояти мусулмонон ва талабаи илм *зану мард* (курсив аз мо *С. У.*) ба аскарияи дохилии Самарқанд дарафтоданд, ки чӯйҳои ҳуи дар кӯчаҳо равон шуд“ — менависад Ахмади Дониш.

ликавии царизм гардид. Торумори қувваҳои мусаллаҳи хони Хева ва амири Бухоро чунон пурра буд, ки зер карда гирифтани тамоми хоки ин хониҳо барои ҳукумати подшоҳӣ ҳеҷ душворӣ надошт. Факат ба мулоҳизаи муносибатҳои байналхалкии царизм ин кор карда нашуд. Ҳукумати подшоҳӣ ба мақсади он ки сиёсати истилокории дар Осиёи Миёна бурдаистодаи худро рӯпӯш кунад, эълон намуд ки дар хонии Бухоро дар бобати ҳокимияти давлатӣ ҳеҷ дигаргуние рӯй надодааст ва амири Бухоро монанди пештара ҳокими олии мамлакат шуда мондан мегирад"*).

Аҳмади Дониш муллои мусулмон ва аз ҷумлаи уламои Бухоро буд. Агар вай хам монанди дигар уламо сабаби дар ҷанг мағлуб шудани қувваҳои мусаллаҳи амирро аз „қазову қадар" ва „ғазаби худо" медонист, ҳеҷ чои тааҷҷуб набуд. Лекин вай ба ин акида шарик намебошад. Гуфтан мумкин аст, ки вай на фақат дар Бухоро, балки дар тамоми Туркистон шахси ягонае буд, ки сабабҳои ҳақиқии шикаст ва торумори лашкари амирро тахминан дуруст фаҳмида тавонист.

Ба фикри Ахмади Дониш, лашкари амир бинобар он шикаст хӯрд, ки дилсардона ҷанг кард, ғайрат ва шуҷоат агарчи нишон дода метавонист, лекин нишон надод. Ба ин дилсардӣ ва беғайратии лашкар вай якчанд сабабҳо нишон медиҳад:

Якӯм ин ки, лашкар мавочиби худро дар сари вакт ва пурра намегирифт („мавочиби ин кӯшун номураттаб ки хармоҳа чанд рӯз акибтар дуздида бист танга медо-

*) Хамон асари *Б. Ғафуров* ва *Н. Прохоров*, сах. 146.

данд“)*), таъминоташ бад буд, бозори муайяне барои лашкар набуд, нархи молу озуқа қимат буд. мавоҷиби мегирифтагиаш ба сарбоз кифоя намекард; дуюм ин ки сардорон ва командирҳои лашкар одамҳои на фақат бехунар ва бе таҷриба, балки паст ва разил ҳам буданд („одамҳои дун бар сари онҳо фармонфармо буд“) ки; ҷанговарон дар таҳти фармони онҳо буданро ба худ ор ва нанг медонистанд; сеюм ин ки, агар ҷанговар дар ҷанг кушта шавад, аз осудагии зану фарзандонаш эмин набуд, сарбозон медиданд, ки ба оила ва авлоди одамони дар майдони ҷанг талафшуда ҳукумати амир ғамхорӣ намекунад ва онҳо хор мешаванд („...дар маъракаи корзор касе мақтул шавад, авлоди ӯ зоеъ мешавад...“); ҷаҳорӯм ин ки, лашкари амир душмани худро намешинохт, шумораи вай, аслиҳаи вай, усулҳои тактикавии вайро намедонист, разведка набуд („ҳоли хасмро намеҷонистанд“); панҷӯм ин ки, аслиҳаи лашкари амир дар муқобили аслиҳаи оташфишони русҳо ба кор намерафт („... хасмро ба мардуми билоди (мамлакати) худ киёс мегирифтанд, аз он ҷиҳат ба чӯби сегазӣ иктифо менамуданд“); шашӯм ин ки, сарбозон аз амир ва аз фармондеҳони калон ҷуръат ва матонат намедиданд („дар суботи аскар дар майдони корзор ҷалодат ва шаҳомати султон ва фатонат ва матонати сараскар... шарт аст“); ҳафтӯм ин ки сарбозони дар майдони ҷанг қаҳрамонӣ ва қорнома нишондода аз ҳукумат ё аз фармондеҳон ҳеҷ мукофоте, амале, рутбае ё мансабе намегирифтанд, ба онҳо фақат ваъдаҳои хушку холӣ дода мешуд („...дар он ҳол ваъда ба ҳеҷ

---

*) Суханҳои дар қавс навишташуда аз Аҳмад Маҳдуманд.

чой нахӯрад... ҳеҷ оқил ба ваъда чон надиҳад ва чонбозӣ накунад...").

Бояд ба Аҳмади Дониш инсоф диҳем, ки вай дар Бухорои асри XIX дар таҳлили сабабҳои мағлубияти қӯшуни амир худро аз таассубҳо ва хурофотҳо раҳо карда, бо зеҳну тафаккуре ки хоси арбоби давлат аст, сабабҳои мазкурро зиракона тадқиқ ва тафтиш карда тавонистааст. Дар ҳақиқат, давлат ва қӯшуне ки олудаи онгуна айбу иллатҳоянд, маҳол аст ки аз ягон муборизаи ҷиддӣ ғолиб шуда бароянд. „Чунин безабтӣ ва бенасакие ки дар ин давлат зоҳир шуд,—менависад Аҳмади Дониш,—дар ҳеҷ аср ва замон кас нишон намедиҳад".

Русияи подшоҳӣ дар бобати тараққиёти иқтисодӣ ва маданӣ нисбат ба Европаи Ғарбӣ қафо монда бошад ҳам, лекин назар ба хониҳои Осиёи Миёна ҳеле пешкадам буда ба роҳи тараққиёти капиталистӣ даромада буд, ва холон ки хониҳои Осиёи Миёна дар даври тираи феодалйзм мезистанд, бинобар ин Осиёи Миёнаро зер карда гирифтани ҳукумати подшоҳӣ гарчанде кори ноҳақ ва истилогарӣ буда, ба сари оммаи меҳнаткаши маҳаллӣ азобу укубатҳо оварда бошад ҳам, лекин аз тарафи дигар вай ин кишвэрро ба маданияти баландтар, ба маданияти халқи бузурги рус наздик кард, мамлакати ба худ печида ва шахшудамондаро бо ҷаҳони беруни алокадор намуд ва барои аз ҷиҳати хоҷагӣ ва сиёсӣ тезтэр тараккӣ кардани он қисми мамлакат, ки ба империяи подшоҳӣ дохил карда шуда буд (нисбат ба районҳои тобеи аморати Бухоро), сабаб гардид.

8

Ахмади Дониш дар умри худ се дафъа ба Петер-

бург пойтахти давлати Русия сафар кард. Ва ҳар дафъа ҳам бо маҷбурияти амир: агар ба ихтиёри худи вай мемонданд, эҳтимол вай аз Бухоро ба ҷое сафар намекард,—барои ин вай на сармоя дошт ва на ҳавсала.

Дафъаи аввал вай дар ҳайъати элчиёни аз ҷониби амир Насрулло, баъд ду бор дар ҳайати сафорати аз ҷониби амир Музаффар ба дарбори подшоҳи рус фиристодашуда сафари Русия кард. Савора дар болои асп вай ба ҷойҳое рафт, ки шояд пеш аз вай қадами ҳеҷ як олими бухорой нарасида буд, ва аҷоибҳое дид ки ҳатто шунидани онҳо ҳам „ймони“ одами мусулмонро барбод медод.

Аҳмади Дониш аз ин сафарҳояш ба мо хеле ёддоштҳои завқовар монондааст. Мо дар ин китобча бо баъзе аз ин ёддоштҳои ӯ шинос мешавем.

Дар кадом солҳо ба Русия сафар карданашро Аҳмади Дониш дар ҳеҷ ҷо наменависад. Мо инро фақат аз рӯи баъзе нишона ва ишораҳо ба таври тахминй муайян карда метавонем.

Чунон ки дар боло гуфта шуд, вай бори аввал ба Петербург дар ҳайати сафирони амир Насрулло рафт. Пас аз он ки „вилояти Кенагасия“ ва Кеш (Шаҳрисабз) ба қабзаи амир Насрулло даромад, менависад Аҳмади Дониш, амир лозим донист ки ба пойтахти Русия сафорате фиристода, хабари ин „фатҳи номдори“ худро ба Александри II расонад ва ҳам ӯро ки пас аз вафоти падараш Николаи I навакак ба тахт нишаста буд, муборакбод кунад*). Амир Насрулло Шаҳрисабзро

*) „... Дар он наздикй,—менависад Ахмади Дониш,—Николай падари император дар болои Крим шикасти фоҳиш аз давлати Ислом-бул ва Фаранг ёфта буд“. Маълум мешавад, бухороиён аз ҷанги

арзи дӯстӣ ва садокат кардан як сафорат ба пойтахти вай фиристодан лозим шуд. Аз таърих маълум аст ки сулхи байни Русия ва Бухоро дар соли 1868 баста шуд. Сафирони амир Музаффар ба Петербург ё дар хамин сол ё ки дер монад дар соли оянда рафта метавонистанд, вале ба хар хол дар соли 1868 вокеъ шудани ин сафар ба эхтимол наздиктар аст.

Дар ин сафорат ки раиси вай як пири бангии нодон буд, амир яке аз писарони хурдсолашро ҳамроҳ карда фиристод. Сафари ин элчиҳо ва кордорихои раиси бангии онхо саросар як масхарагист, ки калами ҳаҷвинигори Ахмади Дониш тасвири онро ба мо боки гузоштааст.

Ахмади Дониш бо фармоиши амир Музаффар мирзо ва имоми сафорат таъин карда мешавад. Ба вай на аспе медиҳанд ва на маоше таъин мекунанд. Фақат дар охир яке аз мулозимони кушбеги ба вай як аспи бе зин ёфта дода мефармояд, ки зудтар савор шуда ба рох даро ва аз кафои амирзода расида рав ки вай аллакай аз шахр баромадааст. Ин муллои каллакалон ва саллакалон ба пушти аспи лучи логари лукки савор шуда, ба амир хам ба амирзода хам лаънатхо хонда рахсупор мешавад.

„Турфа таъҷубе ки, — менависад Ахмади Дониш, — касе маро дар ин ҷамъ намешинохт ва хар кадом мепурсиданд ки: „мулло, шумо кучо меравед ва ба ки кор доред?". Ниҳоят баъзе аз савдогарони бухороӣ ки дар ҳайати сафорат буданд, вайро шинохта, зину чома ва дигар асбоби сафари уро тах мекунанд ва ба саҳҳон худ мефармоянд, ки дар манзилҳо аз асли вай хабардорӣ намоянд

Амирзодаи кӯдак „намедонист ки кучо меравад ва ӯро кучо мебаранд“. Раиси сафорат пири хазафшудаи нашабанд Абулкосим дотхо бошад, доим хумориӣ ва ба холи худ гирифтор буд.

Ба хамин расвоӣ элчихо савора то Тошкент мерасанд (рохи охан дар он вакт набуд). Амир ба генерал-губернатори Туркистон як асп ва дигар хадияхо фиристода будааст. Одамони сафир он хадияҳоро ба генерал-губернатор мерасонанд, вай ба як саиси Абулкосим дотхо силав гӯён як коғази панҷсӯма медихад; дотхо он пулро аз саис кашида мегирад, саис ба суди русӣ шикоят мебарад, суди русӣ пас аз мухокимаи ин мочаро дар охир он панҷ сӯмро ба фоидаи саис хукм мекунад.

Ахмад махдум дар рохи ба Петербург ба раиси сафорат одоби мачлиси подшохи Русияро мегӯяд, чи суханхо дар мачлиси подшох гуфтан ва ба пурсишҳои вай чигуна чавоб доданро ба вай мефахмонад. Раиси сафорат мегӯяд ки: „ин микдор сухан дар хотири ман намеистад, агар бо ман навишта дихӣ, хифз мекунам“. Ахмад махдум навишта медихад. Раис онро чанд шабу чанд рӯз хонда такрор мекунад, аммо вакте ки ба хузури подшох медарояд, хамаи онро ба як бор фаромӯш карда, дасти амирзодаро дошта истода бе хеч мукаддима чунин мегӯяд: „Хазрати амирал-мӯминин нуричашмии худро фиристоданд ба умеди ин ки чаноби император вилоятхои гирифтагиро бозгашт кунанд аз Тошкенту Самарканд ва Чиззах“.

Ахмад махдум ва Козимбеки тарчумон баъди ин мачлис элчиро барои ин кутьки аблаҳонаш бисьёр

дар соли 1856 фатҳ кард. Сафиронашро ҳам ба Петербург вай бояд дар ҳамин сол фиристода бошад. Аҳмад махдум дар он вакт 29 ё 30 сола буд.

Аҳволи сафар чигуна буд, вай дар он сафар чиҳо дид, чанд вакт дар Петербург буд, ба мо номаълум аст, чунки вай на дар „Наводирулвакоеъ“ ва на дар „Рисола“ дар бораи сафари якӯми худ чизе наменависад. Гоҳ-гоҳ дар байни асарҳои худ ба ягон муносибат „боре вақте ки дар Петербург будам“ гӯён чизе аз дидагӣ ва шунидагиҳои худ нақл мекунад, аммо ба кадом сафар тааллук доштани онро маълум кардан душвор аст. Ба ҳар ҳол шубҳае нест, ки вай аз худи ҳамин сафари якум фикраш хеле яла шуда ва бисьёр чизҳо фаҳмида баргашт.

Аз сафарҳои дуюм ва сеюми худ вай ба мо маълумоти бисьёр медиҳад. Дафъаи дуюм вай ба Петербург дар соли 1868 ё 1869 рафтааст. Инро мо аз он мефаҳмем ки вай менависад ки баъд аз баста шудани муоҳадаи сулҳ бо Русия, барои ба подшоҳи рус

Крим ва нотичахои он хабардор будаанд. Чанги байни Русия ва Турқия дар Крим чунон ки маълум аст, дар соли 1853 рӯй дод. Англия ва Франция бо Туркия иттифок карда, киштихои харбии худро ба бахри Сиёх фаровардаанд ва Севастопольро мухосира кардаанд. Харчанд ки солдат ва матросхои рус, ба набудани истехкомхо аз чонибн хушкӣ ва ба афзалияти техникавии душмани нигох накарда кальъаи Севастопольро муддати ёздах мох қахрамонона мудофиа карда бошанд хам, лекин Русияи подшохӣ дар нотичаи акибмондагии худ назар ба Англия ва Франция дар бобати техникавй-иктисодй, дар он чанг мағлуб шуд. Дар вакти мухосираи Севастополь Николаи I нохост мурд. Ба чои вай писараш Александри II подшох шуд.

сарзаниш ва танкид мекунанд. Элчӣ „сахтамгин шуда ва ба хеҷ чизи он вилоят назар накарда“ рухсати бозгашт металабад. Ахмад махдум ва Козимбек харчанд ба вай насиҳат карда мегӯянд, ки шитоб накун, ҳоло зимистон аст, то баҳор сабр кун,—вай кабул намекунад ва мегӯяд ки: „парвардигор халлоқ аст ва худой архамарроҳимин аст“. Дар роҳи бозгашт бинни дотхоро хунук зада монанди ношпотӣ варам карда меравад ва ӯ аз дард бисьёр менолад. Ахмад махдум ӯро „тасаллӣ дода“ мегӯяд ки: „ғам махӯр, худой архамарроҳимин аст“.

Ахмади Дониш дар дафъаи сеюми ба Петербург рафтанаш бо хоҳиш ва исрори Козимбек як муваш-шах ва таърих ба шарафи тӯи никоҳи малика Мария духтари Александри II менависад. Ин манзумаи (шеъри) Ахмади Дониш ба мо маълум кардани соли сафари ӯро осон менамояд. Байти охирини он манзума ин аст:

Дида бар комати ӯ дид саводи таърих,
Худ кучо рафт аз он кадди фатонаттахмир.

Моддаи таърих „кадди фатонаттахмир“ аст, ки агар аз вай бо ҳисоби абҷад калимаи „кучо“ро барорем, соли 1870 мебарояд. Маълум мешавад, вай дафъаи сеюм ба Петербург дар соли 1870 рафта будааст.

Хукумати Русия ба муносибати тӯи никоҳи малика Мария худи амир Музаффарро ба сифати мехмони ба Петербург таклиф мекунад. Дар асл максади хукумати подшохӣ он буд, ки амирро маҳкамтар ба худ бандад ва тамоман фармонбардори худ гардонад. Амир хар чанд ба рафтан ба Петербург дилаш кашол бошад хам, лекин аз пайдоиши мухолифат дар байни

тарафдоронаш тарсида аз рафтан худдорӣ мекунад ва ба дарбори Петербург якчанд элчӣ дар таҳти раёсати Абдукодир дотхо ном мансабдори калон мефиристонад. Ба воситаи вай амир ба Александри II як мактуби махфӣ равона мекунад. Ахмади Дониш бисьёр майл дошт ки мазмуни он мактубро донад, лекин наметавонист, факат ба воситаи Козимбеки тарҷумон ки бо донишманди бухорой дӯст буд, бо он мактуб ошно мешавад. Дар Петербург Козимбек мактуби амирро баъди ба подшоҳ тарҷума карда додан ба Аҳмади Дониш оварда нишон медиҳад. „Номаро гирифта мутолиа намудам,—менависад Аҳмади Дониш,—такрири (дастхатти) худи амир будааст ва аз ҷиҳати хиҷолат ва шарм аз мо пинҳон дошта будааст", чунки он бо ҷумла ва иборахое навишта шуда буд, ки „онро мардон ба занони фохиша... нависанд ва хушомади бехад гӯянд". Аз рӯи нақли Аҳмад махдум амир дар номаи худ ба подшоҳи рус навишта будааст, ки: „ман ба ту рафтанӣ ва итоат карданӣ, лекин аз элу ӯлус ва уламои миллат метарсам. Аз кибали худ як нафар фарзанди худро мефиристонам, ки ба хизмати ту истад ва низом омӯзад ва валиаҳд шавад".

Раиси сафорат Абдукодир дотхо хам дар сафохат ва нодонӣ аз Абулкосим дотхо монданӣ надошт, фақат элчии пештара гӯл ва беинрода буд, ин бошад тунд ва дағал. Ба қавли Козимбек, „элчии аввал марди нодони суханданро буд ва ин мард нодони суханнодаро". Тарҷумон ба Ахмади Дониш мегӯяд: „Магар дар мамлакати шумо ҷуз хамин қисм одами дигаре пайдо намешавад ва дар хар мартабаи сонӣ бадтар аз

аввал аст? Ё амири шумо бисьёр беимтиёз аст, ки оқил ва ҷоҳилро имтиёз наметавонад кардан?".

Чунон ки дар боло зикр шуд, Аҳмади Дониш ба шарафи тӯи никоҳи малика Мария ба номи вай як мушоираи муфассал навишт. Ин мушоира ба забони форсӣ буда, ба ҳамаи ҳукмдорони Аврупо фиристода шуд. Ба ҳамаи онҳо ба ҷуз аз ҳукмдори Англия. Ин ҳукмдор ба Аҳмади Дониш ҳадяи қиматбаҳо фиристода буд. Аҳмади Дониш ба ӯ ҳам мушоираро фиристод. Ҳукмдори Англия ба ин мушоира ҷавоб навишт ва ба Аҳмади Дониш ҳадяи қиматбаҳо фиристод. Ин ҳадя ба Аҳмади Дониш ба ҳамаи ҳадяҳои дигар, ки ба ӯ фиристода буданд, болотар омад. Ба ҳамаи ҳадяҳои дигар ӯ ҳеҷ аҳамият надод, ба ҳадяи ҳукмдори Англия ӯ ҳамчун ба ҳадяи ягона аҳамият дод. Ба ҳамаи ҳадяҳои дигар ӯ ҳеҷ ҷавоб нанавишт, ба ҳадяи ҳукмдори Англия ӯ ҷавоб навишт ва ҳадяи ӯро ба ҳамаи ҳадяҳои дигар болотар гузошт. Ин ҳадя ба Аҳмади Дониш ҳам аз ҷиҳати моддӣ ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ қимматбаҳо буд

аз туст, дуюм нафъи амири ту, ва маро ҳеҷ нафъе нест", зеро ки „салотини турк (подшоҳони турк) дар мавриди элчӣ ба давлати бузург фиристодан, баъд аз гирифтани ҷавоби нома эзор ва ҷомаи элчиро низ томеъ (тамаъкор) бошанд".

Дар вакти сафарҳои Петербург Аҳмади Дониш корхонаҳо, музейҳо, театрҳо ва дигар осори маданияти русро тамошо кард. Бо аъёни давлати Русия сӯҳбатҳо кард. Дар ёддоштҳои ӯ баъзе сатрҳои „сарирӯхӣ" навишташуда ишора ба он мекунанд ки вай на фақат бо дипломатҳои рус, балки гоҳо бо баъзе дипломатҳои Европаи Ғарбӣ, инчунин бо баъзе олимон ва сайёҳони рус низ ҳамсӯҳбат шудааст. Дӯсти бо Козимбеки шарқшинос ки одами фозил ва сохибкамоле буд, ба вай бисьёр фоидаҳо расонд.

Дар „Наводирулвақоеъ" вай як гуфтугӯи кӯтоҳи худро ки дар вакти яке аз балҳо (базмҳо) бо Александри II кардааст, меоварад.

„...Дар ин асно,—менависад вай,—худи император ҳамроҳи аёл ва занон ва хешовандон аз миёни ин мачлис мегузаштанд ва боз меомаданд ва мукаррар дар

Хониш ва ракси Патта ба Дониш бисьёр таъсир кардааст; вай менависад ки ин зани муғанния ва раккоса „бисьёр мутаррех ва сохибҷамол ва басе хушовоз буд ки сурат ва садои овоз ва ханчинаран хеҷ башаре мутасаввир намешуд... дар шабҳои мачлис худро ба навъе ороиш медод ки ака дар ташхиси колиби унсурии ӯ мутаради мешуд. Гуё ӯ чист? Ё фариштае аз ғайб расида?".

Назар ба гуфти Ахмад махдум, вай шеъри дар бало овардашударо бо иттимоси худа Патта навиштааст, ки вай мувашшахи ба малика навиштани Ахмади Дониро дар газета хонда шояд шиносхта будааст.

мезаданд ва тамошои фукарои хеш мекарданд, ва ба мачлисиён... (калимаи норавшан) мефармуданд ки: хуш бошед ва вакт хуш кунед. Боре хамроҳи духтараш даст ба даст хамоил карда меомад ва бо мо бархӯрд. Ва ба ман хитоб кард ки: „он тавшеҳе ки ту дар васфи малика кардай, дидам ва аз ту бисьёр хурсанд шудам, азбаски маони баланд дошт, аммо хайф ки мо талаффузи онро намедонем, то сара аз сакат маълум кунем". Гуфтам: „Алфоз қаволиби маъниҳост, то лафзи хуб наояд, маънии баланд аз вай сар намезанад". Гуфт: „Туро дар хазрати мо бисьёр мадх карданд ки доништвар аст ва ду-се бор дар ин диёр омадааст. Чаро забони моро наомӯхтай ва намедонй?". Гуфтам: „Хар вакте ки маро дар давлати ту омадушуд меафтод, шабу рӯз моро ба гашту сайр фармуданд ва ба корхонахо ва тамошоҷоҳо тавоф доданд, маро дил надод ки тамошову сайрро гузошта ба таҳсил ва хондани азбука, яъне алифбои руси машғул шавам. Ва боз гумон кардам ки мабодо дубора муовадат (омадан) дар ин балда (шахр) даст надиҳад ва мушоҳидаи ачоиботи давлати ту аз ман фавт шавад".

Ахмад махдум дар ёддоштҳои петербургааш баъзе саргузаштҳои ачоиби худро ҳикоят мекунад. Дар порчаи зерин накл карда мешавад, ки чи навъ вай боре дар натичаи надонистани забони руси ба холи мушкил ғалтидааст:

„Оре сахт холест ки касе дар миёни чамъе афтад ки ба забони онхо вокиф набувад, бисьёр дар тааб ва тахлука афтад... Ва ман худ боре дар пойтахти императори рус будам дар Петербург. Шабе аз хоб бар-

хостам, бинобар тараддуди мардум дар кӯча давидам. Ҳама руфақо рафтаанд. Сабаб пурсидам, гуфтанд: „маҳалла оташ гирифта ба тамошо баромаданд“. Ман ҳам хоболуда бе он ки тааммуқе ва тадбире фармоям, ба кӯча бар омадам.

„Дидам ароба маъ ходим тайёр аст. Гуфтам: „угун пайд“ (яъне „огонь пойдет“, таъбири вайрони русӣ. С. У.). ...Фаҳмондам ки: „маро ба ҷои оташафтода мебарӣ“. Алалфавр маро дар ароба нишонида дар он маҳалла расонид. Фурӯд омадам. Боз ба имову ишорат ва лафзхои ғалати бемаънӣ гуфтам ки: „ин ҷо бош, то маро ба манзил хоҳӣ бурд.

„Ман ба сайри иморати сӯхта баромадам. Дидам чамъе касир ба асбоб ва фаввора об аз баҳр оварда ба дасти хар кадом обдеза аз замин ба болои мунора, оташро хомӯш мекунад. Ман саргарми тамошо шуда аз руфақо низ касеро наёфтам ва бо ман мутараччим хам набуд.

„Баъд аз фурсатхо баромадам ки хаво абр шуда ва барфи шадид меборад ва аксари мардум хам мутафаррик (пароканда) шуда буданд. Омадам ки асбу аробаи худро ёбам, бисьёр ҷустам, мамтар ёфтам. Дар охир аробаи холи дидам, ки бе ҳа-ходим дорад. Савор шудам ва ишора кардем ки: „суръат кун“. Вай хам нодонista аси меронд.

„Вакти омадан ба воситаи махтоб ва софии хаво уфук ва чахотаи ситорагонро нишон гирифта будам, дар мурочиат (бозгашт) аз тарокими барф ва талотуми хаво хеч самт мушаххас намешуд. Аммо рохи омадагӣ шарқӣ буд бас чанубӣ, ин аробачӣ маро рост ба тара-

фи шимолӣ мебурд. Ман ҳарчанд имо ва ишорат мекардам ки ба тарафи ғарбӣ равад, сухани маро фаҳм намекард ва ҳар ҷо-ҳар ҷо аспро нигоҳ дошта ба ман мегуфт ки: „ман туро то кучо мебарам?“ ба лафзи русӣ; ман ҷавобе мегуфтам ба лафзи форсӣ. Ӯ маро дашноме медод, ман ӯро нафрине мегуфтам. Ва ҳар соат таклифи фаромадан мекард, ман фурӯд намеомадам, вай сакате (дашноме) мегуфт, ман низ ғалате медодам, чунки агар фурӯд оям, дигар бор намекунад, ва агар пиёда монам, асас (полиция) хабс мекунад.

„Ва микдори панҷ соат дар болои ароба нишаста мондам. Ва дар ин шаб чунон барф меомад ки ман чун қуллае аз барф шуда будам ва саропоям дар даруни барф пӯшида буд. Ними шаб маро дар кӯча монда худ ба хавлие дарун рафт ва бисьёр дар фурӯ кӯфт, садое барнаёмад, ва маро чандон куввати вохима муставлӣ шуда буд, ки агар он дар боз мешуд, албатта маро ба дарун талабанд ва катл кунанд ва дар чаҳе андозанд, ва агар аз ароба фурӯд оранд ва дар кӯча гузоранд, асас ғӯл ба гардан ва занҷир дар поям кунад.

„Ва чун аробачӣ аз фатҳибоб (кушода шудани дар) маъюс шуд, боз дар ароба нишаста асп меронд, ва маро ба нафрин мехонд; ва ман хомӯш мондам ва маҷоли такаллум наёфтам, ба тахти барф ба худованди куддус менолидам ки агар маро аз он зикӣ фарахе бахшад, дигар ҳавою ҳавас хотир накардам.

„Надонам он ки ходим мулҳам шуд ва ё доия ӯро бар он овард, ки маро назди мири асас овард ва шикоят оғоз ниход ки: „ин мард дар махмил бор шуда ва забон намедонад ва ман низ аз дарки истилохи

(фахмидани сухани) ӯ очизам, ҳеҷ чора намедонам ки ӯро ба кучо барам ки маро аз ҳамли ӯ халосӣ даст дихад". Миршаб омада аз таҳти барф маро бароварда саволе кард ба лафзи русӣ. Гуфтам: „мая паслоник чалавек", яъне ман ҳамроҳи элчиам, ин бача кӯши маро гум кардааст ва маро ҳайрон намуда, ва маро агар ба растаи Большой морской барад, кӯши худро меёбам".

„Миршаб аз ин сухани ман мутабаййин шуда он бачаро нафрин кард ва гуфт: „Ин мард мусофир аст, ва ҳамрохи сафир омада, ва сафоратхонаҳо ғолибан наздики арки султонист дар ҳавошии (канори) ин растаи бузург; чаро ин мардро дар паскӯчаҳо саргардон дошта? Агар ӯро аз аввали шаб ҳам дар он раста мебурдӣ, ӯ ба кӯши худ мерафт, ҳам ту халос будӣ, ҳам ӯ. Холо ҳам алалфавр ӯро бардошта бурда дар растаи калон андоз, то халос шавӣ".

„Ходим: „сейчас" гуфта, яъне дар соат, маро ба растаи Большой овард. Гуфтам. „Эй нархар, инак омадӣ ва маро ба манзил овардӣ". То дарвозаи сафоратхона оварда маро фуруд овард, ва музди савории ӯро ба ҳафт драм дода аз он мӯхлика раҳой ёфтам, ки агар маро андак вукуфе ба истилохи онҳо будӣ (яъне агар андак ҳам бошад забони онҳоро медонистам), ин микдор кори ман ба тухлука наанҷомидӣ".

Нависанда хамчунин дар бисьёр ҷохои дигар аз руси надонистанаш афсус мехӯрад. Дар маркази фанатизми дини ьи Бухоро ном дошт, аз забонҳо факат арабиро омӯхтан мумкин буд, ба омӯхтани забонҳои дигар хеҷ имконият набуд.

Бузургтарин нависандагон ва мутафаккирони тараққипарвари рус—Пушкин, Белинский, Чернишевский, Добролюбов, Герцен ва Плеханов, Лермонтов ва Некрасов, Шчедрин ва Толстой ҳамзамонҳои Аҳмади Дониш буданд. Тасдиқ кардан мумкн аст, ки Аҳмад махдум барин мутафаккир ва донишҷӯй агар забони русӣ медонист, мукаррар бо асарҳои письёрии ин бузургон ё ақаллан баъзе аз онҳо шинос мешуд. Дар асарҳои худаш вай ҳамватанонашро ба омӯхтани забонҳои хорича ва хусусан забони русӣ ташвиқ мекунад.

Лекин харчи ҳам бошад, он чи ки Аҳмади Дониш дар вақтҳои сафари Русия дид ва шунид, фикри ӯро хеле яла карданд. Ин сафарҳо дар тараққии афкор ва назарияҳои иҷтимоӣ-сиёсии ӯ роли калон бозӣ карданд. Шаҳри бузурги аврупоӣ Петербург ба чашми вай олами наверо ҷилвагар кард. Дар шаъни ин шаҳри азим:

Замин нест ӯ, вожгуни самост,
Ки дар ҳар қадам ахтари нурзиёст,
Дар ин шаҳр кас худ набинад зи рӯз
Зи бисьёрии хусни оламфурӯз.
Зи ҷӯши чарогон ба шаҳҳои тор
Замин чун сабо, осмон чун губор

гӯён вайро тавсиф кардани Аҳмади махдум низ ба ҳамин далолат мекунад. Вай якӯмин шоири тоҷик дар замони пеш аз революция аст, ки ба шарафи пойтахти давлати рус шеър гуфтааст.

Ҳар дафъа ки вай аз сафари Петербург ба ватани худ бозмегашт, акибмондагии Бухорои амирӣ ба вай боз ҳам дахшатноктар менамуд.

Чи тавре ки мо дар боби 4-м дидем, Ахмад махдум дар аввалхо умедвор буд, ки амир ва хукумати вай пас аз фахмидани айбу иллатхои давлатдории худашон ба ислохи он мекўшанд ва мамлакатро ба роҳи тараккӣ медароранд. Аммо дертар вай пуч ва беасос будани ин умеди худро фахмид.

Тартиботи феодалии амирӣ саросар пусида буд. Хар як рўзи давоми вай фасоди он пусишро меафзуд ва хаёти чамъиятро захролуд мекард. Ба болои зулми феодалие ки бар халк карда мешуд, акнун зулми мустамликавии царизм зам шуд.

Ахмад махдум дар чамъият хеч куввае намедид, ки ахволи токатфарсоро дигаргун карда тавонад. Чунин кувва дар он вакт вучуд надошт. Пролетариат ба вучуд наёмада буд. Омманои дехконони чафокаш бар зидди амир шўришхо мекарданд, вале аз шахр хеч мадад нагирифта хар дафъа шикаст мехўрданд. Буржуазияи савдо бошад бо амир ва амалдорони вай аз як гиребон сар бароварда буд.

Ахмади Дониш дар торикистони Бухоро хеч таркише ё равзанае намеёфт, ки аз вай ягон нур дохил шавад.

Фарьёди ўро касе намешунавид. Фикрхои ў, таклифхои ўро дар бораи ислох кардани тартиби давлатдорӣ, усули таълим, бех кардани ахволи халк, солим кардани хаёт ва ахлоки чамъиятӣ ва кушодани роххои тараккӣ, хеч кас писанд намекард, хатто барои ин фикрхояш уламои дин вайро кофир ва зиндик мехонданд, асархои вайро нотичаи савдогарӣ ва хаёлпарастӣ меномиданд.

Ахмад махдум маъюс шуд.

„Хайф, афсӯс ки,—фарьёд мезанад вай бо дарду алам,—дар ин аср гӯши шунаванда ва дидаи нигаранда нест, ҷуз ин ки хар чи маълуми хеш гардад, ба сахифае накш кардан ва худ хондану худ гиристан дигар илоче надорад“.

Дар заминаи ҳамин маъюсӣ (пессимизм) вай ҳеҷ рағбате ба амалу мансаб ва ҳеҷ ҳавасе ба обод кардани зиндагонии худ надошт ва қаландарона гузарон мекард.

Вай агар хоҳад, метавонист амалдор шавад, козӣ ё мударрис, мутфӣ ё раис шавад; инчунин метавонист табиб шавад; аммо вай ҳеҷ кадоми ин амал ва пешаҳоро ихтиёр накард: дар Бухорои амирӣ мансаб ва касбу пешахое ки одами босавод ва бомаърифат метавонист бо онҳо шуғл кунад, ҳама ғайр аз мунаҷҷимӣ ва шоирӣ ба назари вай манфӣ, паст ва нолоик менамуданд.

Вай ҳанӯз дар солҳои 60-м дар рисолаи сиёсии худ навишта буд, ки низом ва услуби хукуматдории подшохони „диёри Туркистон ва Мовароуннахр“ аз Чингиз мерос мондааст; дар ин шароит хеҷгуна адлу инсоф чорӣ шуда наметавонад; агар кас амалдор шавад, агарчи табиатан бовиҷдон ва адолатпеша бошад ҳам, хоху нахоҳ бевиҷдон ва золим мешавад; бинобар ин хеҷ як одами окил ба хизмати подшоҳ намеравад, „магар касе ки аз хирад бегона бувад“; факат одамони бешараф, хушомадгӯй ва танбал метавонанд ба хизмати дарбор раванд; онҳо ҳаминро медонанд ки мулозимати дарбор „аз гадоию муздурӣ ва хизмати гулхантобии хаммом албатта бехтар хохад буд“, ва ҳол он ки, мегӯяд Аҳмади Дониш, мехнат кардан,—

агарчи он меҳнат мисли гулхантобии ҳаммом „паст“ бошад ҳам, ҳеҷ ор нест; дар асл „халқ аз шоҳу гадо ҳама муздуронанд“; амир ҳам ҳаргиз „сояи худо“ набуда, балки хизматгори халқ ё „посбони мамлакат“ аст ва бояд ҳалол меҳнат карда музд гирад.

Мансабдорон ҳама бедиёнат ва хиёнаткоранд. „Давлатхоҳӣ ва ҷонсӯзии ин табақаи ҷоҳил“ чунин аст, ки менависад Аҳмади Дониш дар ҳамон асари сиёсии худ, масалан агар шаҳр оташ гирад ва амир пурсад, ки ин дуд аз кучост? ҷавоб медиҳанд, ки ҳеҷ вокиа нест, кулолон дар хумдонҳо оташ гирондаанд ва ин шӯъла аз ҳамон чост; „агар дар шаб ҳаромиён ба ҳарами мусулмоне дарраванд ва молаш бубаранду хунҳо бирезанд“ ва доду фарьёди фалокатзадагон ба гӯши амир расад, онҳо мегӯянд ки ҳеҷ вокиа нест, зане бо шавҳараш мочаро карда истодааст. Ба сабаби душмании зотие ки бехунарон ба хунармандон доранд, мансабдорон одамони кордони болаёкатро бад мебинанд ва ҳамеша ба нест кардани онҳо мекӯшанд, зеро „бияндешанд ки агар кори ин мард боло гирад, дар ин даргоҳ (яъне дар дарбори подшоҳ. С. У.) моро чои истикомат намонад“, ва муттаҳидона ба он мард дармеафтанд.

Дар бораи козӣ, мударрис, раис, аълам ва монанди ин мансабдорони шариатпешаи динпарвар бошад, пас Аҳмади Дониш ҳаман онҳоро фиребгар ва ришватхӯр медид. Мансаби козигӣ ва раисӣ ки муллоҳо барои ба вай сохиб шудан дину имони худро мефурӯшанд, мегӯяд вай, „ҳеҷ кори ҳалол ва мубоҳ надорад ғайр аз ҳарому маҳз ва шабаҳот“. Муширифӣ ва дабирии дарбори амир бошад, „мансаби хушбон чонфарсост, аз он ки

як тарафаш муҳоварат ва муқорабат (ҳамсӯҳбатӣ в наздикӣ) бо султон дорад, ки доим дар даҳони аждаҳо ва макорин ба шӯълаи ҷонзадо бошад". Илми фатво ва маҳзарот бошад, аҳли он ҳама „чашму гӯш бар даранд ва дида ба зар, то касе ояд сартақида ё к... кафида, васиқаю маҳзар диҳанд ва ҳилаҳои шаръӣ биёмӯзанду драме биситонанд". Илми тиб бошад, „аксари аҳли он нодонанд ва таламмуз нокарда, ба хизмати устод норасида... ва мизоҷи давою дору ношинохта ва амалу феъли онро имтиҳон нокарда, бисьёр касонро ба ҳалокат оварданд ва ба як фулус дору як драм гирифтанд... ва бисьёр нӯшдоруи эшон кори захри ҳалоҳил намуда ва ҳаббӣ ашфои эшон шарбати марг омада". Аҳмади Дониш, чунон ки пеш аз ин нақл кардем, илми тибро ба сари худ омӯхта буд, аммо ба табиби шуғл накард ва ғайр аз худ ва аҳли хонадони худ касеро муолиҷа нанамуд, чунки аввалан аз рӯй додани хатохо метарсид, сониян—даво фурӯхта нон пайдо карданро мизоҷи вай қабул намекард. „Нафси ман,—мегӯяд вай,—ба фиреби халқ гардан намедод, ва борҳо бифиребидам, ром нашуд ва нафрати пештара мегирифт ки барои ҳаззи (нафъи) худ ба дигарон ҷавр натавон кард".

Расвоиҳои усули таълим ва тадрис, схоластикаи мадрасагиро ҳеҷ касе аз нависандагони тоҷик мисли Аҳмади Дониш сахт ҳачв ва танқид накардааст. Ба фикри вай, агар муддао омӯхтани забони араб бошад, солҳои умри азизро дар паи таҳсили он талаф кардан аҳмақӣ аст. Охир фарангиҳо (европагиҳо), мегӯяд вай, бе он ки „таййи мукаддамот" карда солҳои сол муб-

тадо ва хабар, чор ва мачрур, фоил ва мафъулро такрор намоянд, забони арабро меомӯзанду, дар илми сарфу нахв ва мантик маҳорат пайдо мекунанд ва ояту ҳадисҳои куръонро ба забонҳои гуногун тафсир менамоянд, пас чаро мо барои таҳсили ҳамон микдор илм дах мартаба зиёдтар вакт сарф мекунем ва заҳматҳои фаровон мекашем?

Ахмади Дониш ахволи мударрисро бисьёр латиф ва ростгуёна тасвир мекунад:

„...Чамъ омадани мӯхмале чанд нодон ва беадаббона ва нофахмида гавго бардоштан ва харчанд гохе чанд табак мавизу халво ва чомаву танга ба зулм ва газаб аз толиби илми факер биситонанд... Устод аз бисьёрии сухан кардан ва харф задан дилмурда бошад ва куввати хозима (хазмкунй) ва дандонхо суст шуда, ба дандон шикастан натавонад ва ба хӯрдан хазм кардан. Ба чои хоб китоб бинад ва рӯз аз пагох то бегох гавго орад ва гулгуле бишнаваду, сар берун ва дарун кардан натавонад ва ба таом хӯрдан ва харакат кардан фурсат наёбад. Ба дарунн гумбазе фарох ва васеъ дар сармо ва гармо махбус ва махчуи бошад, дар ин холат голибан намозхои фариза аз вакт бигзарад ва чамоат фавт шавад. Чун азми хона кунад, мӯхмал рикобаш бигиранд ва хамъинонаш бираванд, то устод аз асп наяфтад ва гарданаш нашиканад".

Ахмади Дониш аз пешахои ахли калам пешаи муначчимй ва шонриро шарафнок ва нфгихорнок мешуморад, факат ба шарте ки ахли ин кор фазли худро ба нону пул нафурӯшанд, донищ ва истеъдоди худро дар пеши одамони хасиси нодон хор накунанд.

Ба фикри Аҳмад махдум, мазмуни шеър бояд аз мадҳи ҳақиқат, аз ваъз ва насиҳат иборат бошад; агар аз дашном, дурӯғгӯй ва мадҳи давлатмандону амирон иборат бошад,—паст ва бадхислат аст. Бисьёр шоирони замони Аҳмади Дониш дар тамаи чиз, пул ва ҷома амирон, боён, хону бекҳоро мадҳ мекарданд. Аҳмади Дониш ба онгуна шоирон нафрат мекунад. Барои сараниши онҳо ки бо маддоҳии тамаъкорона суханро хор мекунанд, вай шеъри як шоири қадимиро меоварад, ки ба ҳамингуна шоирон хитоб карда гуфтааст.

Эй ки таърифи салотин кардай!
Машқи таълими шаётин кардай.
Эй шаётин муршидат, рӯят сиёх,
Чист таълими шаётин? Ҳубби ҷох.
Фахри табъат мадхи шохе, беш нест,
К-ин хама тахту кулохе, беш нест.
Бар сараш афтода ин заррин рухом,
Омада пояш ба санге тахт ном,
Тахти симу афсари заррин—ду санг,
Ӯ чу оташ дар миёни ин ду санг.
Филхақикат оташ аст ӯ, шох нест,
Лек хар оташпараст, огох нест.
Курби ин оташ балои чони туст,
Барки дину хирмани ймони туст.
Гар ба базми шох курбандешай,
Бегумон зардушти кофир дешай.
Рафта гир ойинаи динат зи дист,
Нест харгиз хакпараст оташпараст.

Шубха нест, ки Аҳмади Дониш бо ин суханҳо зохиран шоирони маддохро, аммо дар асл амирро мезанад.

Шеър,—мегӯяд Аҳмад махдум,—маҳаки ачоибест

ки бузургӣ ё пастии гӯяндаи онро айнан изҳор мекунад, покизагӣ ё мурдории гавҳари инсонии ӯро маълум менамояд.

Як сабаби ба шеъргӯӣ кам шуғл кардани вай ҳам, назар ба гуфти худаш, ҳамин хор шудани каломи нафис мебошад. Дар ҳақиқат Аҳмад махдум дар умри худ ба ҳеч яке аз ҳокимони замонаш мадҳ нагуфт. Ягона қасидае ки вай ба амир Музаффар навиштааст, он ҳам на он қадар мадҳи амир, чи қадаре ки ваъзу насихат ва изҳори фазл аст.

Аҳмад махдум ҳис мекард, ки ҳукмронии пурфалокати амирони мангит зиёд давом нахоҳад кард ва албатта дигаргунӣ ва табаддулоте ба вуҷуд хоҳад омад. Ин ҳиссиёти ба боварӣ наздики ӯ дар биступанҷ—сӣ соли охири умри вай қувват гирифт. Ба фикри вай, гардиши ситорахо ҳам наздик омадани табаддулотро хабар медоданд.

Ахмад махдуми мунаҷҷим аломатҳои харобшавии ҳокимияти амириро аз ҳаракати сайёраҳо мекофт, ин аломатҳои „осмонӣ" на он қадар барои худи вай лозим буданд, чи қадаре ки барои дигар бухороиёне ки Ахмад махдум мехост онҳоро ба дурустии ҳиссиёти худ дар бораи пойдор намондани давлати амирӣ бовар кунонад, лозим буданд. Барои худи вай он аломатҳо дар „замин" хам кам набуданд. Вай мехост ки ба дурустии даъвои худаш тасдик ва далеле ки дархури фахми уламои хурофотпараст бошад, пешниҳод кунад. Чунончи вай дар „Рисола"аш пас аз мукаррар кардани „такоруби Миррих бо Зуҳал" ва „такоруби Муштарӣ бо Аторуд" ки ин аз рӯи эътикоди муҷаҷҷимони му-

сулмон аломати заиф шудани „дин ва давлати исломӣ“ мебошад, менависад ки барои хароб гардидани давлати амирӣ „вуҷуди ин амирони ҷоҳил ва олимони кохил ва сипоҳиёни гумроҳи ғофил бас аст, аломати дигар лозим нест“.

Дар соли ба тахт нишастани Абдул-Аҳад рӯзе аз рӯзҳо ду нафар аз дӯстони Аҳмад махдум барои лидани вай меоянд; хар се дар вақти сӯҳбат аз „безабтӣ ва инқилоби замона“ ва пайдо шудани „фасоду балво дар мизоҷи рӯзгор“ сухан меронанд; мехмонон хобҳои дидагиашонро нақл карда, аз Ахмад махдум тадбири онҳоро мепурсанд; яке аз онҳо дар хоб мебинад, ки моҳи пур бо хамроҳии як ситора аз осмон монанди мушак омада ба болои элчихонаи Бухоро ғалтидааст. Ахмад махдум ин хобро хам барои давлати амир алломати шум дониста мегӯяд ки: „ҳоли ии давлати манғития... дар оянда чӣ шавад? рехтани моху ситора чист? Осмон бар сари инҳо фурӯд ояд“.

Дар бист—сӣ соли охири умраш Ахмад махлум ба сабаби маъюсие ки дар боло зикр ёфт, гӯшанишинӣ ихтиёр кард. Хафтаҳо аз хонааш намебаромад. Дилтанг ва ғамгин буд. Дӯстони наздикаш дар мехмонхонаи вай ҷамъ мешуданд, вай дар сӯҳбати онҳо як қадар аз ғам фориғ мегашт ва чизе менавишт; ва ҳаргоҳ ки онҳо пароканда мешуданд, вай боз ба ғаму андӯҳ ғарқ мешуд. Худи вай дар ин бора дар „Наводирулвақоеъ“ менависад: „Агар танҳо будаме, сар дар лиҳоф кашидаме (яъне сарамро печонида мехобидам. С. У.); агар бедор шудаме, ғамгин гаштаме, лоилоҷ касонро гирд овардаме ва шабе бо рӯзе ба сар бурдаме; ва

чун асҳоб мутафаррик шуданде (яъне вақте ки дӯстон пароканда мешуданд. С. У.), боз сар дар лиҳоф даровардаме".

Меҳмонхонаи Аҳмад махдум салоне буд ки интеллигенцияи аз замона норозӣ дар вай ҷамъ шуда дарду ҳасрат мекарданд, мусоҳибаҳои илмӣ ва адабӣ менамуданд, шеърҳо мехонданд. Дар он ҷо ҳар вакт донишманди аксари илмҳои замон Абдулмаҷид Зӯфунунро дидан мумкин буд, ки ғайр аз тоҷикӣ боз ба забонҳои туркии усмонӣ ва арабӣ шеърҳо мегуфту, ба амир ва дарбориёни нафрати сахт дошт, ин нафрати худро пинҳон ҳам намекард, ва барои он ки ба ҷавобгарӣ накашанд, худро ба девонагӣ зада мегашт; шоир ва танбӯрии „озодалибос, нозукмизоҷ ва хуррамтабиат" (ба кавли С. Айнӣ) Мулло Каромати Дилкашро дидан мумкин буд, ки садои тамбӯраш бухориёнро мафтун карда буд. Инҳо шогирдони Аҳмади Дониш буданд. Донишманди илмҳои адабии тоҷикӣ ва арабӣ, музикашиноси номӣ Эсо махдум ки оҳангҳои шашмакомро хуб мехонд, дар тамбӯр менавохт ва онҳоро аввалин бор ба нота ҳам даровардa буд, аз мусоҳибони хоси Аҳмад махдум буд. Инчунин шоири машхур Шамсиддин махдуми Шохин, лугатдон, тарҷимаиҳолнавис ва сохиби тазкира Хоҷӣ Азими Шарқӣ, нависандаи ғазали машхури: „Гуфтам: ҳама побанди ту шуд, гуфт: шумо чй?" Мирзо Ҳанг Саҳбо, аз фозилони замон Мулло Махмуд Симо, шоир ва мунши Мирзо Азими Сомӣ, шоири забардаст ва хуштабъ Савдо ва боз якчанд фозилони дигар ба мехмонхонаи Ахмади Дониш рафтуой доштанд ва мусоҳибони у буданд.

Як хислати·эҷодии Аҳмад маҳдум ин буд, ки вай асарҳои худро аксар дар вакти ҷамъ омадани ёру дӯстонаш, дар хузури меҳмонони худ менавишт. Худи вай дар ин бора дар „Наводирулвақоеъ“ менависад: „ман аз ғояти дилгирӣ ва тангӣ ва барои рафъи ғам... дар хузури аҳбоб ва асҳоб (яъне ёру дӯстон) қалам бармедоштам ва сафҳаҳо сиёҳ мекардам“. Баъд вай мегӯяд, ки агарчи нависандагон барои асарнависӣ ҷои хилват ва шароити муносиб мечӯянд, лекин ман дар байни одамон, дар харобаҳо, дар хузури ёру ошноён „беҳтар имло ва иншо мекардам“.

Дар фароварди сӯҳбатҳои илмӣ ва адабӣ ҳаргуна дилхушӣ сар мешуд: қисме аз меҳмонон ба шоҳмотбозӣ, кисме ба байтбарак, гурӯхе ба дутору танбӯрнавозӣ ва ашӯлахонӣ машғул мешуданд. Дар ин вакт Аҳмад махдум ба гӯшае нишаста дар коғазпораҳо, дар ҳошияи китобҳо, дар пушти дафтарҳо ва ғайра ба навиштани ҳикоят, латифа ва шеърҳо сар мекард. Бисьёр асарҳои вай ба ҳамин тарз навишта шудаанд. Дӯстонаш навиштаҳои ӯро дар худи ҳамон ҷо гирифта мехонданд ва ҳайрон мешуданд, ки вай дар байни ин кадар маҳал ва ҳаёҳуи аҳли меҳмонхона чи тавр фикри худро ҷамъ намуда он чизҳоро навишта тавонистааст. Онҳо навиштаҳои вайро бо худ бурда нусха мебардоштанд, ба он навиштаҳо аз худ иловаҳо мекарданд; асли нусхаро гох ба соҳибаш оварда пас мегардониданд, гоҳе тамоман намеоварданд. Худи Аҳмади Дониш дар бораи асарҳои худ бепарво буд ва ба ҷамъ намудани онҳо кӯшиш намекард, бинобар ин бисьёр асарҳои назмӣ ва насрии вай гум шуда рафтаанд, ки худи нависанда ҳам дар

вақти тартиб додани „Наводирулвақоеъ“ як қисми он-
ҳоро пайдо карда натавонистааст. (Агар тадқиқотчи-
ён дуруст ҷустуҷӯ кунанд, дар китобхона ва архивҳои
Бухоро ва атрофи он, хусусан китобхона ва архивҳои
шахсӣ, асарҳои нави Аҳмад махдум пайдо шуда мо-
нанд ҳам ачаб нест).

„Наводирулвақоеъ“-ро Аҳмади Дониш 10—12 сол
пештар аз вафоташ бо маслиҳати дӯстонаш тартиб дод,
ки онҳо ба вай чунин гуфтаанд: „ҳайф бошад ки он
чи навиштай, ба бод равад ва дар об афтад, ё бисӯ-
зад ва хок шавад, онро аз суханони дигарон ҷудо
кун ва ба як чо ҷамъ овар ки аз ту ҳамин бокӣ мо-
над ва мӯҷиби ёдоварии ахбоб шавад“. Баъд вай ҳар
он чи ки дар дафтарҳои худ ёфта ва он чи аз дигар
чоҳо ба даст оварда тавонистааст, дар китоби мазкур
ҷамъ намудааст.

★

Дар охир, дар бораи алоқаи Аҳмади Дониш бо ҷа-
дидизм чанд килима гуфтан лозим аст.

Ҷадидони Бухоро Аҳмади Донишро саромади худ
хисоб мекарданд.

Чунон ки мо дидем, инкишофи назарияҳои ичти-
мой-сиёсии Аҳмад махдум ду даврро гузаронд. Дав-
раи якум—даврани кӯшишҳои ислоҳотчигии вай аст.
Дар ин давра вай асари (трактати) сиёсии худро на-
вишт, лоиҳаи ислоҳ кардани усули давлатдориро ба
амир пешниход кард, ва бовари дошт, ки ба воситаи
нишондиҳӣ ва фаҳмонидш, ташвик, ваъзу насиҳат ба
амир ва ҳукуматаш, айбу иллатҳои калони давлатдории
онҳоро ислоҳ кунонидан мумкин аст.

Ин кайфияти фикрии Аҳмад маҳдум тахминан то солҳои 90-ӯм давом кард.

Агар Аҳмад махдумро дар хамин давраи якӯм гирем, вай дар хакикат „саромади“ чадидизм шуда метавонад. Чадидҳо ба сохти амирӣ душман набуданд, балки мехостанд ки бо ризогии амир ва хукумати вай дар усули давлатдорӣ ва усули таълим баъзе ислоҳот дароваранд ва худашон ҳам дар хукумати амирӣ шарик шаванд.

Аммо аз солҳои 90-ӯм сар карда дар афкори Аҳмад махдум дигаргунӣ пайдо шуд. Вай кам-кам ба чунин боварии катъӣ омад, ки „амирони чоҳил, олимони коҳил, сипоҳиёни гумроҳи ғофил“ ва усули идораи онҳо хеч чои ислоҳшавӣ надоранд, онҳо маҳкуми сарнагуншавианд. Дуруст аст, вай намедонист ки ин сарнагуншавӣ чи навъ ба амал меояд, чигуна ба анҷом мерасад ва кӣ онро ба анҷом мерасонад, вай ба дарачаи фахмидани ин масъалаҳо нарасида буд, вале хуб ҳис мекард, боварӣ дошт ки давлат ва хукумат дар дасти амирон пойдор наменмонад. (Вай хатто аз рӯи эътикодҳои муназзимии худ „мукаррар“ намуда буд, ки ҳокимияти амирӣ боз факат 36 сол давом намуда, баъд нест мешавад. Вале ин хисобҳои нуҷумии вай факат шакли ифодаи хиссиёт ва боварии хакикии вай будаид ба ногузирона сарнагун шудани хокимияти амирӣ).

Бинобар ин вай дар ин давра аз аморати мурдаистода алокаи худро канда, гӯшанишин шуда, рисолаи худро дар бораи хукумати амирони мангит навишт, ки ин рисола бар зидди хокимияти амирӣ сахттарин айбномаи он давр аст. Нафрат ва лаънатҳои Аҳмади Дониш

ба амир, ба дарбориёни вай, ба хукумати вай, ба „назму насаки“ вай аз ҳар сатри рисола намоён аст.

Мана ин Аҳмад махдуми давраи дуюм ба ҷадидҳо монанди надорад. Дар ин чо вай аз ҷадидон як кадам пеш аст.

Аҳмади Дониш дар соли 1897 (дар синни 70 солаги) вафот кард. Агар пайдоиши ҷаҳидонро аз соли 1905 хисоб кунем, онҳо дар муддати давоми 15 солаи худ, яъне то худи замони сарнагун шудани ҳокимияти амирй, то соли 1920, ба мукобили вай хеҷ асаре ки дар кувват, дар самимият, дар таъсирнокй баробари рисолаи Ахмад махдум бошад, дода натавонистанд.

Дар соли 1911 вакте ки Олимхон ба тахти Бухоро нишаст, ҷадидон: „эй он ки ҳазрати кирдукор зоти акдасро молики ракоби мо ҷамоаи муслимин гардонидаг! Оё имрўз ки чун зоти аксади хумоюнат падари мехрубоне, фармонфармои хушманде, подшохи окиле дорем, бехтарин фурсатхои мо нест? Оё хамин бакои вуҷуди хумоюнат аъзами васоили начоти мо нахохад буд?“ гўён ба амир табрикнома фиристоданд.

Дар байни нависандагони ин мадхия ва нависандаи „Рисола“ аз замин то осмон фарк аст.

Ахмад махдуми гуманист ба хар хол одами як давраи муайян, одами Бухорои асри XIX буд. Замонаш чунон буд, ки вай аз як кисм эътикодхои мистикй ва суфигй таъмоман озод шуда наметавонист. Вале бо хаман ин, маъно ва мазмуни фаъолияти адабй ва илмии вай некихохй ба инсон, озодихохй ва тараккипарварй аст. Орэуи чунон тартиботи ҷамъиятие ки дар вай адолат ва озодй хукмрон буда, шарафи одами

эҳтиром карда шавад, аз ҳаман асарҳои Аҳмади Дониш ҳувайдост.

Халқи меҳнаткаши озодихоҳи тоҷик ҳеҷгоҳ ба зулму истибдоди амирон, хонҳо, бекҳо тан надода, ҳеҷгоҳ бо онҳо созиш накардааст. Вай гашта-баргашта бар зидди онҳо исъён мекард. Бехтарин фарзандони вай бар зидди беадолатӣ ва ҷабру ситам нотарсона протест мекарданд. Аҳмади Дониш яке аз ҳамингуна фарзандони халқи тоҷик аст. Вай, ба қавли С. Айнӣ, „ситораи саҳарӣ дар осмони торики“ Бухорои асри XIX, одами соҳибдил ва нависандаи калон буд.

345

С. УЛУГ-ЗОДА

А Х М А Д И Д О Н И Ш

(На таджикском языке)

Ба чопаш ичозат дода шуд 21/IV—1916. Ҷузъи чопӣ 5,5. Ҷузъи авторӣ 3,25.
КЛ 06911. Тираж 5000 Заказ № 2714

Сталинобод, Комбинати Полиграфӣ.